Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

27 феврали соли 2021.
Шанбе
№ 17 (14718)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ВАЗИФАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ ҲАМАҶОНИБАИ БОНУВОН БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Тахти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 26 феврал оид ба масъалаҳои ҳал намудани мушкилот ва дастгирии иҷтимоии занон ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Занон қариб ними аҳолии мамлакат – 17 миллионро ташкил медиҳад. Таъмин кардани манфиатҳои онҳо, мустаҳкам намудани нақши занон дар ҷамъият самти муҳими сиёсати иҷтимоии мамлакатамон ба ҳисоб меравад.

Дар тўли чор соли охир дар ин соҳа ду қонун, шаш фармон ва қарори Президент қабул шуданд. Дар Сенат Кумитаи нав оид ба масъалаҳои занон ва баробарии гендерӣ таъсис дода шуд.

Имрўз қариб 1,4 ҳазор нафар занон дар дараҷаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, беш аз 43 ҳазор – дар дараҷаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекунанд.

Барои он ки духтарон таълими хушсифат гиранд, соҳиби касб шуда меҳнат кунанд, имкониятҳои бузург фароҳам оварда шудаанд. 48 фоизи донишҷўёнро бонувон ташкил медиҳанд. Мувофиқи тартибе, ки соли гузашта ҷорӣ шудааст, 950 духтарони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд дар асоси гранти давлатӣ ба муассисаҳои таълими олӣ қабул шуданд.

Соҳибкорӣ, ташаббускории бонувон дастгирӣ карда мешавад. Соли гузашта қариб 585 ҳазор зан бо кор таъмин карда шуда, беш аз 36 ҳазор нафар занон касбу ҳунар омўхтанд.

Механизми «дафтари занон» ба мақсади омўхтан ва мақсаднок ҳаллу фасл намудани мушкилоти занон ҷорӣ карда шуд. Ба «дафтар» дар асоси 9 меъёр 433 ҳазор нафар занон дохил карда шуда, пойгоҳи электронии маълумотҳо ташаккул ёфт. Имрўз мушкилоти 80 ҳазор нафар заноне, ки ба «дафтар» ворид гардидаанд, ҳал карда шуданд.

Дар ҷамъомад чораҳо оид ба шуғл, дастгирии иҷтимоӣ, вусъат додани кўмаки тиббиву равонӣ ба занон, пешгирӣ намудани талоқ баррасӣ гардиданд.

– Масъалаҳои душвортарин, мушкилтарин ба занон марбут мебошанд. Талаби халқ торафт меафзояд. Мутаносибан, мо бояд шароити мусоид фароҳам орем. Инсоне, ки вазифаи мазкурро амиқ дарк наменамояд, роҳбар шуда наметавонад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис сарвари давлат пешниҳод намуд, ки Шўрои ҷумҳуриявии ҷамъиятии занон таъсис дода шавад.

Ба қарибӣ тахти роҳбарии Раиси Сенат Танзила Норбоева шўрои мазкур таъсис ёфт. Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки шўрои ҷамъиятӣ бояд оид ба баланд бардоштани фаъолнокии ҷамъиятию сиёсии занон, дастгирӣ намудани соҳибкорӣ, таълим ва рушди касбии онҳо, кўмак расондан ба онҳо дар дарёфти кори муносиб, ҳифзи тандурустӣ ва ҳалли масъалаҳои манзил мунтазам кор кунад.

Ба ҳокимон ва роҳбарони секторҳо оид ба ҳал намудани мушкилоти заноне, ки ба «дафтари занон» ворид гардидаанд, таъмини шуғли онҳо бо роҳи таъсис додани дўзандагӣ, ҳунармандӣ, хонакорӣ, паррандапарварӣ ва ҷудо намудани қитъаҳои кишт супоришоти дахлдор дода шуданд.

Ба Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ, Палатаи савдову саноат супурда шуд, ки ба қариб 70 ҳазор иштирокдорони «дафтари занон» соҳибкорӣ ва касби дар бозори меҳнат серталабро омўзонанд.

Сарвари давлат қайд намуд, ки дар ин масъалаҳо созмонҳои ғайридавлатӣ ба занон самарабахш мусоидат менамоянд, ба ин муносибат бояд онҳо бо биноҳо таъмин карда шуда, ба онҳо грантҳо ҷудо карда шавад.

Вазифа гузошта шуд, ки дар ҳар як ноҳия ба соҳибкорон ба мӯҳлати то 30 сол қисми холии коллеҷҳо, ки ба ихтиёри Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ дода мешаванд, барои дар онҳо ташкил намудани устохонаҳои таълимӣ ва сехҳои истеҳсолӣ имтиёзнок пешниҳод гарданд. Ба ин мақсадҳо аз Фонди шуғл ҷудо намудани 70 миллиард сўм ба нақша гирифта шудааст.

Ба ғайр аз ин, 2 триллион сўм захираҳои вомӣ ба воситаи Бонки халқӣ барои ҷалби 70 ҳазор занон ба соҳибкорӣ равона карда мешаванд.

– Низоми ҳавасмандгардонии заноне, ки маълумоти олӣ гирифтан мехоҳанд, қобилияту дониши зарурӣ доранд, аммо бино бар сабабҳои муайян ин орзуяшонро амалӣ карда наметавонанд, ҷорӣ карда хоҳад шуд. Яъне ба духтарони эҳтиёҷманд, ки бидуни яке аз волидон тарбия меёбанд, инчунин занони танҳо, ки саробонашонро гум кардаанд, маблағи шартнома барои таҳсил дар мактаби олӣ аз ҷониби ҳокимият ва донишгоҳ пардохта мешавад. Ин низоми нав аст. Пештар инро татбиқ карда наметавонистем. Ҳоло барои ин имконият ҳаст, – таъкид намуд Президент.

Дар ҷамъомад масъалаҳои ҳифзи сиҳҳатии занон баррасӣ гардиданд. Таъкид гардид, ки дар маҳалҳо хусусан дар ноҳияҳои дурдаст сифати хидматрасонии тиббӣ ба дараҷаи бояду шояд таъмин карда намешавад.

Масалан, дар ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё дар 30 фоизи занони синну соли таваллуд камхунӣ ташхис гузошта шудааст. Ба ғайр аз ин, занони ноҳия аз касалиҳои низоми роҳу нафас, ҳозима ва дилу раг азият мекашанд.

Бо назардошти чунин вазъияти кор супурда шуд, ки сиҳҳатии 44 ҳазор нафар занони ба ёрии тиббӣ эҳтиёҷманд тахти назорати алоҳида гирифта, ба онҳо бригадаҳои тиббӣ вобаста карда, бо ҷалб намудани духтурони тахассусӣ табобат карда шаванд.

Вазифа гузошта шуд, ки то охири сол 9 миллион нафар занон аз назорати амиқи тиббӣ, аз ҷумла скрининги онкологӣ гузаронда шаванд. Ба мақсади пешгирии касалии саратон 323 ҳазор нафар духтарон аз вируси папилломаи инсон эм карда мешаванд.

Муайян карда шуд, ки ба фонди дастгирии занон ҳар сол барои табобати занони ниёзманд 30-50 миллиард сўм ҷудо карда хоҳад шуд.

Зарурати васеъ қарор додани тарзи ҳаёти солим дар байни занон, афзун гардондани шумораи маҳфилҳои тарбияи ҷисмонӣ ва рақс зикр гардид. Оид ба ташкили сафарҳои сайёҳии занон дар мамлакат, табобати онҳо дар сиҳатгоҳҳо супоришот дода шуданд.

Ба ғайр аз ин ба модарони танҳо оиди ба муассисаҳои таълими томактабӣ қабул намудани фарзандони онҳо ва пардохтҳо имтиёз дода мешаванд. Ба мушкилоти бо манзил таъмин намудани занон марбут эътибори алоҳида дода шуд. То ҳол шумораи заноне, ки аз сабаби бекор карда шудани ақди никоҳ, бекорӣ ва камбизоатӣ ба манзил эҳтиёҷ доранд, зиёд мебошанд. Сарвари давлат ин мушкилотро амиқ дарк менамояд ва ҳамеша ба онҳо фароҳам овардани шароити муносибро ба назар мегирад. Дар солҳои охир ҳазорҳо занони эҳтиёҷманд соҳиби манзили нав шуданд. Ба ғайр аз ин низоми барои занони камтаъмин пардохтани бадали аввалияи манзил ҷорӣ карда шудааст.

Дар рафти ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаи муҳим чораҳои иловагӣ муайян шуданд. Таъкид гардид, ки ба ҳар як минтақа барои бо манзил таъмин намудани заноне, ки дар биноҳои барои истиқомат номувофиқ зиндагӣ мекунанд, 10 миллиард сўмӣ ва барои бо манзил таъмин намудани духтароне, ки бе падар ба воя мерасанд, 5 миллиард сўмӣ ҷудо карда мешавад.

Маблағҳои мазкур барои пардохти бадали аввалияи манзил харҷ мегарданд. Ба ғайр аз ин, ба занон барои ҷуброни иҷораи манзил 11 миллиард сўм ҷудо карда хоҳад шуд.

Зарурати такмил додани низоми ёрии пурихтисоси ҳуқуқӣ ба занон, аз ҷумла, онҳое, ки мавриди таъқиб қарор мегиранд, қайд гардид.

Пешниҳод шуд, ки мукофоти алоҳидаи давлатӣ барои рағбатноксозии хидмати занон дар назди давлат ва ҷамъият, комёбиҳои дар соҳаҳои фаъолияти худ ба даст овардаашон таъсис дода шавад.

Роҳбарони масъул ва занон бино бар масъалаҳои дар ҷамъомад баррасигардида фикру ақидаи худро изҳор намуданд.

**ЎзА.**

## ДАР БОРАИ МУЛОҚОТИ ТЕЛЕФОНИИ РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКИЯ

***26 феврал мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Режеп Таййип Эрдоған ба амал омад.***

Дар оғози суҳбат сарвари давлати мо Президенти Туркияро бо зодрўзаш табрик намуда, ба ў самимона саломатии бардавом ва муваффақиятҳои азим, инчунин ба халқи бародари турк сулҳ, беҳбудӣ ва шукуфоӣ таманно кард. Нақши Президент Эрдоған дар таъмини рушди устувори Туркия дар марҳилаи кунунӣ, баланд бардоштани нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ махсус қайд карда шуд.

Дар ҷараёни сўҳбат масъалаҳои мубрами рўзномаи дуҷониба ва минтақавӣ муҳокима шуданд.

Роҳбарон бо қаноатмандӣ қайд карданд, ки робитаҳои мунтазам дар сатҳи олӣ ба нигоҳ доштани сатҳи баланди ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Ўзбекистон ва Туркия дар шароити душвори пандемия мусоидат мекунанд.

Президенти Ўзбекистон бори дигар ба ҳамтои худ барои дастгирӣ ва кўмаки амалии ҳукумати Туркия дар мубориза бо паҳншавии сирояти коронавирус дар кишвари мо изҳори сипос кард.

Рафти татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки муштарак дар соҳаҳои тиҷорат, саноат, энергетика, инфрасохтор, нақлиёт, кишоварзӣ, барномаҳои мубодилаи таълимӣ ва фарҳангию гуманитарӣ низ баррасӣ шуданд.

Аҳамияти ташаккули минбаъдаи шароити мусоид барои афзоиши мубодилаи тарафайни мол ва сармояҳо, аз ҷумла омодасозии зудтар ва қабули Созишнома дар бораи савдои имтиёзнок қайд карда шуд. Ҳамкорӣ оид ба омўзиш ва татбиқи таҷрибаи пешқадами Туркия дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, пешрафти рушди саноатии минтақаҳо ва ташкили самараноки фаъолияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ шиддат мегирад.

Сарони давлатҳо аҳамияти татбиқи як қатор лоиҳаҳои назаррасро дар соҳаи маориф, кинематография, фарҳанг ва сайёҳӣ таъкид карданд.

Роҳбарон инчунин ҷадвали баргузории чорабиниҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ва робитаҳои дар сатҳи олӣ ва баланд, аз ҷумла рафти омодагӣ ба ҳамоиши дарпешистодаи Созмони ҳамкориҳои иқтисодиро муҳокима карданд.

Сўҳбати президентҳои Ўзбекистон ва Туркия дар фазои анъанавии кушод, дўстона ва эътимод сурат гирифт.

**ЎзА.**

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ МИНБАЪДАИ САНОАТИ ЗАРГАРӢ

Бо мақсади истифодаи самараноки иқтидорҳо барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои гаронбаҳо, такмил додани расмиёти иҷозатномадиҳӣ ва бартараф намудани монеаҳои бюрократӣ дар ин самт, инчунин дар ин асос мустаҳкам намудани иқтидори кадрӣ ба воситаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон:

1. Пешниҳодҳои Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Бонки марказӣ ва Ассотсиатсияи «Ўзбекзаргарсаноати» **дар бораи ба муҳлати то 1 марти соли 2023 ҷорӣ кардани тартиби фурўши металлҳои қиматбаҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти заргарӣ дар асоси шартномаи мустақим ё бо шарти ба таъхир андохтани пардохт** тасдиқ карда шаванд.

Муқаррар карда шавад, ки:

дар доираи Фармоиши давлатӣ барои истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Навоӣ» ва ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Олмалиқ» металлҳои қиматбаҳоро ба истеҳсолкунандагони ҷавоҳирот дар шакли ашёи хом бидуни ҳуқуқи фурўш **дар асоси шартномаи мустақим ё тавассути биржаи молу ашёи хом бо иҷрои 15 фоизи пешпардохти арзиш ва шарти ба таъхир гузоштани пардохт ба 180 рўз**;

барои хариди металлҳои қиматбаҳо дар асоси шартномаи мустақим истеҳсолкунандагони маҳсулоти заргарӣ ба ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Навоӣ» ва ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Олмалиқ» **бо нишон додани эҳтиёҷот ба металлҳои қиматбаҳо** муроҷиат мекунанд;

бо мақсади кафолати пардохт барои металлҳои қиматбаҳо, ки **тавассути биржаи молу ашёи хом бо шарти ба таъхир гузоштани пардохт ба 180 рўз** харида шудаанд, истеҳсолкунандагони ҷавоҳирот бо мувофиқа бо ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Навоӣ» ва ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Олмалиқ» **ба ҶС «Ўзмиллийбонк» кафолат пешниҳод мекунанд»**;

**ҶС «Ўзмиллийбонк»** барои металлҳои қиматбаҳо, ки **тавассути биржаи молу ашёи хом** фурўхта мешаванд, **бо шарти ба таъхир гузоштани пардохт ба 180 рўз** дар ҳаҷми то 85 фоизи (бо назардошти) маблағи шартнома бо ситондани комиссияи то 2 фоизи солона **кафолати бонкӣ** медиҳад;

**ҳисобу китоб** бо ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Навоӣ» ва ҶС «Комбинати маъдани кўҳии Олмалиқ» барои металлҳои қиматбаҳо **аз рўи нархҳои фиксинги субҳи биржаи металлҳои қиматбаҳои Лондон ва қурби Бонки марказӣ дар рўзи пардохт** амалӣ карда мешаванд;

**аз марворид, алмос ва металлҳои қиматбаҳо боҷи гумрукии воридотӣ ситонда намешаванд** (мавқеъҳои ТН ВЭД 7101-7104 аз замимаи № 1 ба қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 июни соли 2018 № ҚП-3818 «Дар бораи чораҳо оид ба минбаъд ба танзим овардани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва такмил додани низоми танзими гумрукӣ ва тарифии Ҷумҳурии Ўзбекистон»).

(Давомаш дар саҳ.2).

*Мо бояд барои он ки ба беш аз 17 миллион бонувон — духтарон, модарон ва бибиҳоямон, ки дар кишварамон зиндагӣ мекунанд, шароити муносиб фароҳам оварем, ҳама чизи имконпазирро ба харҷ диҳем.*

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат МИРЗИЁЕВ***




## ЗАНҲО ДАР БАРҚАРОРИИ СУБОТ НАҚШИ МУҲИМ МЕБОЗАНД

***Иттиҳодияи иҷтимоии “Институти демократия ва ҳуқуқи инсон”-и ҷумҳурӣ қарор кард, ки бо дархости сокинони ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона бори нахуст дар Осиёи Марказӣ “Гурўҳи робита бо занон барои барқарории субот ва ҳалли масъалаҳои хушунатомез”-ро таъсис намояд. Ба ин гурўҳ занони маъруфи ҷумҳурӣ, вакили СММ, депутатҳои собиқи Олий Маҷлис, олимон ва ҳуқуқшиносон ҷалб гардидаанд.***

Аъзои ин гурўҳ мўътақиданд, ки дар ҷараёни пиёда кардани музокираҳо барои рафъи низоъҳо истифодаи фаровони дипломатияи халқӣ хеле манфиат мебахшад ва натиҷаҳои мусбат ба бор меорад. Дар қарори Шўрои амнияти СММ аз соли 2000-ум эътироф шудааст, ки дар марҳилаҳои барқарор намудани сулҳу субот корбасти масъалаҳои гендерӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Хосатан, дар бартарафсозии низоъҳо ва пешгирии он занон метавонанд нақши муассир бозанд. Зеро эътибори бештар ба нақши занон ба суръати барқарории субот ва тараққиёти ҷомеа ҳатман суръат зам хоҳад кард.

– Ноҳияи Сўх нисбат ба минтақаҳои дигари кишварамон аз чаҳор самт дар иҳотаи Ҷумҳурии Қирғизистон воқеъ гаштааст. Бо вуҷуди ин, Сўх як пораи хоки Ватани бузургу паҳновари мо мебошад. Мутаассифона, дар ин гўшаи мамлакат муддати чанд ба ин сў зиддияту низоъҳои гуногун батакрор рух додаанд. Аҳолии ноҳия сол аз сол афзоиш меёбад. Мавҷудияти гузаргоҳҳои марзӣ, ришватхорӣ, камбудии об, зиддиятҳои этникӣ, камситоиҳо ва амсоли он мушкилоти мардуми ноҳияи Сўхро беш аз пеш дучанд намудааст, – мегўяд роҳбари гурўҳ, директори Институти демократия ва ҳуқуқи инсони ҷумҳурӣ, полковники адлия Сайёра Хоҷаева.

Вай афзуд, ки рўйдоди ахири ноҳияи Сўх маҳз бар асари моҷарои об сар задааст ва ба муносибатҳои неку дўстонаи ду халқи ҳамҷавор таъсири манфӣ гузоштааст. “Гурўҳи алоқа бо занон” маълумотҳоро роҷеъ ба ин ҳодисаҳо мавриди омўзиш қарор додааст, ки дар воситаҳои ахбори оммавӣ ва расонаҳои мустақил нашр шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ин гурўҳ барои бартараф намудани низоъҳо ва барқарории субот дар минтақаи мазкур аз дипломатияи халқӣ низ кор гирифтааст. Дар ин замина бо намояндагони эътилоф (коалитсия)-и созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии Ҷумҳурии Қирғизистон перомуни ҳуқуқи занон ва кўдакон мулоқоту гуфтушунидҳо анҷом додааст.

– Ба далели пахши пандемия мулоқоти аввалини мо бо чунин созмонҳои ҳимоятгари ҳуқуқи занон ва кўдакони вилояти Боткенти Қирғизистон аз тариқи онлайн сурат гирифт. Мо ҳамаи масъалаҳои марбут ба минтақаҳои наздимарзиро ба таври васеъ ва ошкоро баррасӣ кардем. Баъди ин мулоқотҳо Институти демократия ва ҳуқуқи инсон ба манзури омўзишу таҳқиқи вазъияте, ки дар ҷои ҳодисаи рухдода ба миён омадааст, ҳамчунин кўмак барои иҷрои талабҳои қарори Шўрои амнияти СММ таҳти рақами 1325 аз соли 2000-ум ба дафтари маркази минтақавии Дипломатияи превентивӣ нома ироа намуд. Дар ин нома дархост гардид, ки барои таъмини молии гурўҳи занон бо маблағ ва сафари хидматӣ ба ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона мусоидати молӣ намояд. Намояндаи хоси Дабири кулли СММ, роҳбари маркази минтақавии Дипломатияи превентивӣ Наталя Герман ба ин нома посухи мусбат дод, – иброз дошт Сайёра Хоҷаева.

Дар мулоқот бо ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров вай нақша ва ҳадафҳои сафари хидматӣ ба ноҳияи Сўхро ташреҳ кард. Сайёра Хоҷаева гуфт, ки танҳо боздид аз ин ноҳия ва мулоқот бо мардуми он тасаввуроти аъзои гурўҳро мукаммал месозад ва онҳо ҷиҳати рафъи масъалаву мушкилиҳо иқдом хоҳанд кард.

Дар ин мулоқот аз сарнавишти 22 нафар низ ёдоварӣ гардид, ки дар рўйдоди 31 майи соли 2020 дар деҳаи наздимарзии Чашмаи ноҳияи Сўх ширкат кардаанд ва дар айни замон нисбати онҳо мурофиаҳои додгоҳӣ идома доранд. Гуфта шуд, дар байни ин 22 нафар ҷавонони 17-18-сола низ ҳастанд, ки нав ба арсаи ҳаёти мустақилона қадам мегузоранд. Таъкид гардид, ки ба ҷазо кашидани ин ҷавонмардони сўхӣ, ки аксарияти онҳо ба таври стихиявӣ ва бидуни дарки маънӣ дар ин моҷаро мушорикат доштанд, ҳаргиз ҳалли масъала нест.

Хайрулло Бозоров гуфт, ки дар 15 соли охир ягон сокини ноҳияи Сўх ба ҷазо кашида нашудааст. Минбаъд низ талош хоҳад кард, ки корҳои фаҳмондадиҳиро вусъат мебахшанд.

– Дар кишварамон устувории қонун таъмин аст. Парвандаҳои ин ҷавонмардон низ дар доираи қонун баррасӣ ва ҳаллу фасл хоҳад шуд. Ҳаргиз касе беҳуда мавриди муҷозот қарор нахоҳад гирифт, – гуфт ҳокими вилоят.

Дар мулоқот масъалаи вайрон шудани ҳуқуқи сокинони ноҳияи Сўх ва пайдо шудани кайфияти норизоӣ дар миёни онҳо низ ошкоро матраҳ гардид.

Сафари хидматии аъзои гурўҳи алоқа ба ноҳияи Сўх аз убури марзи Қирғизистон шурўъ шуд. Баъд онҳо масофаи 65 километр роҳи байни Қадамҷо ва Сўхро дар зарфи бештар аз ду соат тай карданд. Ногуфта намонад, ки баъзан мардуми Сўх ин масофаи роҳро дар зарфи 5-6 ва ҳатто 8-10 соат тай мекунанд. Зеро баъди ду-се соати роҳтайкунӣ онҳоро лозим меояд, ки соатҳо вақти худро барои убури марзи миёни Қирғизистон ва Ўзбекистон дар гузаргоҳҳо ройгон харҷ кунанд.

Дар мулоқот бо ҳокими ноҳияи Сўх Сайидбаҳром Сайидмўсоев аз қарори вижаи Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев “Дар бораи тадбирҳои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021” ёдоварӣ шуд. Ба гуфтаи ҳокими ноҳия бар асоси ҳамин қарор дар деҳоти ин ҷо дигаргуниҳои куллӣ ба вуқўъ мепайванданд.

– Мо барои барқарор ва устувор нигаҳ доштани муносибатҳои байни мардуми ду самти марз чорабиниҳои гуногун роҳандозӣ мекунем. Аксар вақт дар мусобиқаҳои варзишӣ намояндагони ду халқ ширкат мекунанд. Поюқадами шумо муборак омад, зеро имрўз се нафар наврасӣ сўхӣ дар мусобиқаҳои варзишӣ ширкат карданд ва яке чемпиони ҷумҳурӣ ва ду нафар ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол карданд. Ин наврасонро бо тантанаи хос истиқбол гирифтем, – изҳор кард Сайидбаҳром Сайидмўсоев.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ЗАНҲО ДАР БАРҚАРОРИИ СУБОТ НАҚШИ МУҲИМ МЕБОЗАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳокими ноҳия афзуд, ки лоиҳаҳои зиёд тахти иҷро қарор гирифтаанд ва оҳиста бо фаро овардани ҷойҳои нави шуғл сафи бекорон коҳиш меёбад. Ба гуфтаи ӯ барои бо ҷои кор таъмин кардани занон лоиҳаҳои хос татбиқ карда хоҳанд шуд.

– Барои он ки дар ин ҷо масъалаҳои зиёд ҳаллу фасл шаванд, равуои мардум бояд сода гардад. Агар роҳи оҳан сохта шавад, мушкилоти зиёди мардум худ аз худ аз байн мераванд. Ҳалли ҳамин масъаларо бояд ба миён гузошт ва роҳҳои ҳалли онро бояд пайдо кард, – гуфт ноиби раиси Шӯрои парасторони Хазинаи байналмилалии “Замин”, доктори улуми ҳуқуқшиносӣ Лола Саидова.

Вай афзуд, ки ин ҷо занони кӯҳистонӣ зиндагӣ мекунанд ва набудани обу гази табиӣ мушкилоти онҳоро меафзояд. Ба таъкиди Лола Саидова мардуми мо дар замони патриархалӣ ба сар мебаранд ва ҷомеаро мардҳо роҳбарӣ мекунанд. Барои ҳамин занҳоро лозим меояд, ки ҳаёташонро худашон дигаргун кунанд ва ба мақсаду маромашон ноил шаванд.

– Дар ҳоле, ки дарозумрӣ дар Ӯзбекистон 78-солро ташкил мекунад, дар ноҳияи Сӯх ин нишондод хеле паст будааст. Дараҷаи фавт низ афзоиш ёфтааст. Занҳо на мисли бибиҳои худ, балки бо тарзи нав бояд зиндагӣ кунанду пеш раванд. Майл ба зебоӣ ҳаётро хушу гуворо месозад. Дар кишварамон панҷ ҳизби сиёсӣ фаъолият мекунанд, аммо тақрибан занҳои сӯхӣ ба ин ҳизбҳо шомил нашудаанд, – тазаккур дод Лола Саидова.

– Дар ноҳияи Сӯх пизишкзанон хеле каманд. Теъдоди гинекологҳо ё пизишки занҳо бояд афзоиш ёбад. Дар миёни ҳафт нафар ҷавононе, ки ба донишгоҳҳои тиббӣ дохил шудаанд, танҳо як нафар духтар аст. Агар духтарони сӯхӣ ба донишгоҳҳои тиббии Тоҷикистон низ дохил шаванд, мушкиле эҷод нахоҳад шуд. Ояндаи миллат дар дасти модарон аст, – гуфт раиси маркази “Савоб”, номзади улуми тиб Шоира Орипова.

Зимни дидору мулоқот бо занони маҳаллӣ аъзои гурӯҳ суол карданд, ки кадом мушкилот онҳоро бештар азият медиҳад. Чӣ бояд кард, ки ҳаёти онҳо беҳбуд ёбад.

– Мо аз Президенти мамлакат хеле розӣ ҳастем. Деҳаҳои мо хеле ободу зебо мешаванд, ҳаёт маънои нав касб менамояд. Барои иҷрои корҳои зиёд маблағҳои калон ихтисос дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз мо бо оби ошомиданӣ ва гази табиӣ пурра таъмин нашудаем. Ҳамаи мушкилиҳои мо аз набудани ҳамин ду чиз маншаъ мегиранд, – гуфт сокини нафақахӯри деҳаи Ҳушёр Зебинисо Қамбарова.

– Ман ҳамшира шуда кор мекунам. Ба наздикӣ хабар ёфтем, ки шуъбаи бемориҳои сироятиро аз деҳаи мо ба маркази ноҳия мекӯчонанд. Дар он сурат пизишкону ҳамшираҳои шафқат ва коргарони техникии ин шуъба, ки аксарияти онҳоро занону духтарон ташкил мекунанд, бекор хоҳанд монд. Агар ин эътирози мо ба тарзи мусбат ҳал шавад, аз аъзои гурӯҳи шумо хурсанд мешавем, – гуфт ҳамшираи шафқат Диёра Одилова.

Як қатор занону духтарон изҳор карданд, ки ҳанӯз дар ноҳия имкони дурусти пайдо кардани кор мавҷуд нест. Аксарияти занону духтарон хонашин ҳастанд.

– Агар бонк барои ман кредит ҷудо кунад, солуни зебоӣ мекушоям ва ба занону духтарони ноҳия хидмат мекунем. Мехостам дар ин ҷода ба ман кӯмак расонед, – гуфт Майлинисо ном зани сӯхӣ.

– Бародарам Назирҷон Ҷӯраев, ки соҳиби чор фарзанд аст, бо тӯҳмати иштирок дар руйдоди 31 май беш аз шаш моҳ боз дар боздоштгоҳ ба сар мебарад. Модари пир ва ману фарзандамро низ вай мехӯронду мепӯшонд, – гуфт Озода Аслонова.

– Ман коллеҷи омӯзгориро бо тахассуси тарбияи ҷисмонӣ хатм кардаам. Омӯзгорони ин соҳа чандон зиёд нестанд, бо вуҷуди ин маро ба кор қабул намекунанд. Мехостам, ки дар ноҳия гурӯҳи духтарони теннисбозро ташкил кунам, аммо шароити мусоид нест, – гуфт Санохон Хӯҷаева.

Дар ин мулоқот занону духтарони зиёд бештар масъалаҳои маиширо ба миён гузоштанд, ки ҳаллу фасли он ба дӯши ҳокимияти ноҳияи Сӯх вогузор шуд.

– Ҳамаи инҳо масъалаҳоеанд, ки бо қарори ҳокими ноҳия метавон онро ҳаллу фасл намуд. Барои ҳамин муовини ҳокими ноҳия оид ба масъалаи занону духтарон Мадина Сафарова вазифадор шуд, ки масъалаҳои ба миён гузоштишударо ҳаллу фасл кунад. Масъалаҳои ҳаллашон мушкилро мо ба идораҳои болоӣ мерасонем, то мусоидат намоянд, ки ҳаёти мардуми ноҳияи Сӯх ба маҷрои дуруст дарояд, – иброз дошт Сайёра Хоҷаева.

Вай афзуд, ки аъзои гурӯҳ зимни ташриф ба ноҳияи Сӯх аз баъзе ҷойҳои таърихии он боздид карданд. Ба гуфтаи Сайёра Хоҷаева ҳар ҷо равад, ҳатман ба бозори он медарояд ва бо нархи наво ошно мегардад. Аз боздиди яке аз бозорҳои ин ноҳия ба чунин натиҷа расид, ки баъзе маводи хӯроквории нисбат ба шаҳрҳои Фарғонаву Тошканд ин ҷо арзон будааст. Аммо нархи молу маводи дигар дар ҳамаи бозору мағозаҳои кишвар як хел мебошанд.

Сафари нахустини хидматии аъзои “Гурӯҳи робита бо занон барои барқарории субот ва ҳалли масъалаҳои хушунатомез” дар ноҳияи Сӯх ба фарҷом расид. Аммо баъди чанд муддат ба манзури санҷидани иҷрои вазифаҳое, ки ҳокимияти маҳаллӣ вазифадор гардидааст, дубора ба ноҳияи Сӯх ташриф хоҳанд овард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ МИНБАЪДАИ САНОАТИ ЗАРГАРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

2. Муайян карда шавад, ки дар соли 2021 ҳаҷми металлҳои қиматбаҳои барои фурӯш **бо шарти ба таъхир гузоштани пардохт** зарурӣ, аз ҷониби ҶС «Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ» ва ҶС «Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ» **дар доираи ҳаҷми металлҳои қиматбаҳо, ки ба воситаи савдои биржавӣ ва дар асоси шартномаҳои мустақим фурӯхта мешаванд, ҷудо карда мешаванд**.

Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ якҷоя бо Бонки марказӣ ва Ассотсиатсияи «Ӯзбекзаргарсаноати» ҳангоми ташаккули Фармоиши давлатии истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо барои солҳои 2022 ва 2023 ҷудо кардани миқдори зарурии металлҳои қиматбаҳоро барои фурӯш бо шарти ба таъхир гузоштани пардохт пешбинӣ намояд.

3. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он **аз 1 апрели соли 2021**:

а) ба гузоштани тамғаи маҳак ва тамғаи шахсии истеҳсолкунанда бо **усули** механикӣ (зарба) ё **лазерӣ иҷозат дода мешавад**. Дар ин ҳолат, истеҳсолкунанда барои тасдиқи ҳақиқии тамғаи шахсӣ, ки ба маҳсулоти заргарӣ бо усули лазерӣ гузошта шудааст, масъул аст;

б) усули тамғагузориро ба маҳсулоти заргарӣ бо тамғаи маҳак ва тамғаи шахсии истеҳсолкунанда **истеҳсолкунандагони ҷавоҳирот мустақилона муайян мекунанд**;

в) ба шахсони ҳуқуқие, ки барои анҷом додани фаъолияти **аффинажӣ** иҷозатнома доранд, **рухсат дода мешавад, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ** сабикаҳои андозагирии истеҳсоли худро фурӯшанд. Ҳамзамон, арзиши фурӯши сабикаҳоро **истеҳсолкунандагон мустақилона** дар ҳаҷми на камтар **аз нархи фиксинги субҳи** биржаи металлҳои қиматбаҳои Лондон ва қурби Бонки марказӣ дар рӯзи амалӣ намудани ҳисоб муқаррар мекунанд;

г) **тавассути тиҷорати электронӣ** ба фурӯхтани ҷавоҳироти аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (нимқиматбаҳо) тайёршуда **дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ иҷозат дода мешавад**;

д) **тафтиши мизоҷ, намояндаи он ва мулкдори бенефисиар** (дархост кардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, шаҳодатномаҳои бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва маълумоти дигар) аз ҷониби шахсоне, ки бо амалиётҳои марбут ба металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои гаронбаҳо машғуланд, **дар ҳолатҳои зерин талаб карда намешавад**:

амалӣ намудани баробаркунии ҳисоб **бо пули накд**, агар маблағи умумии амалиёт **аз 600 баробари андозаи ҳисоби базавӣ зиёд набошад**;

амалӣ намудани баробаркунии ҳисоб **дар шакли ғайринакдӣ** ё тавассути **кортҳои пластикии шахсони воқеӣ**, сарфи назар аз ҳаҷми умумии амалиёт.

Баробари ин **дар сурати мавҷуд будани шубҳаҳои асоснок** дар алоқадории мизоҷ, намояндаи ӯ ва соҳиби бенефитсиар дар қонунигардонии даромадҳо, ки дар натиҷаи фаъолияти ҷиноӣ ва маблағгузории терроризм ба даст оварда шудаанд, андешидани чораҳо оид ба тафтиши мизоҷ, намояндаи ӯ ва соҳиби бенефитсиар сарфи назар аз ҳаҷми муомила ва шакли пардохт тақозо карда мешавад.

4. Фонди таҷдид ва рушд бо мақсади таъмин намудани истеҳсолкунандагони ҷавоҳирот бо захираҳои молиявӣ дар ҳамарзиши **30 миллион доллари ИМА** ба ҶС «Ӯзмиллийбонк» **ба муҳлати 7 сол, аз ҷумла давраи имтиёзноки сесола бо меъёри фоизӣ нисбат ба меъёри асосии Бонки марказӣ 4 банд паст** барои ҷудо кардани минбаъдаи қарзҳои хурд **равона намояд**.

5. Муқаррар карда шавад, ки ҶС «Ӯзмиллийбонк» аз ҳисоби маблағҳои дар банди 4 ин қарор зикршуда, **ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти заргарӣ** барои хариди таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва ашёи хом барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ва пур кардани маблағҳои гардишӣ **қарзҳои хурд ҷудо мекунад**:

дар ҳаҷми то **300 миллион сӯм** ба муҳлати **се сол**, аз ҷумла давраи имтиёзнок **то шаш моҳ**;

**дар асоси кафолати** Фонди давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва дигар **намудҳои таъминот**, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

6. Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ якҷоя бо Ассотсиатсияи «Ӯзбекзаргарсаноати» инҳоро таъмин намоянд:

дар асоси фармоишҳои асосноки Ассотсиатсияи «Ӯзбекзаргарсаноати» ташкили курсҳои омӯзишӣ барои ҷавонон оид ба **самтҳои серталаби соҳаи заргарӣ дар асоси малакаҳои замонавӣ**, аз он ҷумла, бинобар усули «устоз-шогирд» дар мономарказҳои «Ишга марҳамат» ва марказҳои таълими касбии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд;

ҷалби намояндагони ташкилотҳои истеҳсолӣ ва мутахассисони соҳибихтисоси дорои малакаҳои **истифодаи ин технологияҳо** ба равандҳои омӯзиши истифодаи технологияҳои муосир ва инноватсионӣ дар соҳаи заргарӣ.

7. **Параметрҳои мақсадноки истеҳсоли заргарӣ, тайёр кардани мутахассисони ҷавон ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар солҳои 2021–2023** мувофиқи замимаи №1 тасдиқ карда шаванд.

Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ, Ассотсиатсияи «Ӯзбекзаргарсаноати» барои пурра ва саривақтӣ ба даст овардани параметрҳои мақсадноки дар ин банд пешбинишуда чораҳои зарурӣ бинанд.

8. Вазорати молия якҷоя бо Кумитаи давлатии андоз **то 1 майи соли 2021** таҳия ва ба Девони Вазирон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунро **дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андоз** таъмин намояд, ки **инҳоро пешбинӣ менамояд**:

**озодкунӣ аз андози арзиши иловагии муомилот оид ба фурӯши** шикастапораҳо ва партовҳое, ки дар истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо, платина ва ғӯрушаҳои андозагирии металлҳои қиматбаҳо, сангҳои гаронбаҳо ва нимқиматбаҳо, инчунин маҳсулоти нимтайёри аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои гаронбаҳо тавлидшуда ҳосил шудаанд;

**ба муҳлат то 1 марти соли 2023 татбиқи имтиёзҳои андоз, ки ба аъзои Ассотсиатсияи «Ҳунарманд»** ба соҳибкорони инфиродӣ – истеҳсолкунандагони маҳсулоти заргарӣ, ки узви Ассотсиатсияи «Ӯзбекзаргарсаноати» мебошанд, дода шудаанд.

9. Ҳокимияти вилоятҳои Бухоро, Самарқанд ва Фарғона барои ташкили **дӯконҳои замонавии савдо ва намоишӣ барои фурӯши ҷавоҳирот ҳамчун маҳсулоти бренди миллӣ, инчунин марказҳои савдою истеҳсолӣ** дар маҳалли растаҳои савдо, ки ба савдои чаканаи маҳсулоти заргарӣ махсусонида шудаанд, бозорҳои калони шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Намангон ва Қӯқанд чораҳо андешанд.

10. Вазорати сармоягузорӣ ва савдои хориҷӣ, Вазорати рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо мақсади дар сатҳи ҷаҳонӣ таблиғ намудани бренди миллии заргарии Ӯзбекистон намоиши маҳсулоти истеҳсолкунандагони ҷавоҳиротро дар намоишгоҳи «World Expo – 2021», ки баргузориаш соли 2021 дар Дубай (АМА) ба нақша гирифта шудааст, баъдан – дар ҳама намоишгоҳҳои бонуфузи дар кишварҳои хориҷӣ баргузоршаванда ташкил намоянд.

11. Муайян карда шавад, ки **дар давраи то 1 январи соли 2023** Фонди давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ **50 фоизи хароҷоти** истеҳсолкунандагони маҳсулоти заргарии марбут ба иштирок дар намоишгоҳҳои байналмилалиро ҷуброн хоҳад кард.

Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ якҷоя бо Вазорати сармоягузорӣ ва савдои хориҷӣ дар муддати як моҳ тартиби муваққатии пешниҳоди ҷубронро, ки дар ин банд пешбинӣ шудааст, тасдиқ кунад.

12. Ба қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 июни соли 2018 № ҚП-3818 «Дар бораи чораҳои боз ҳам соддагардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва такмили низоми танзими гумрукӣ ва тарифии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» мутобиқи замимаи № 2 тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.

13. Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ якҷоя бо Вазорати молия, инчунин вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз ин қарор бармеоянд, пешниҳод тақдим кунанд.

14. Ба зиммаи муовини Сарвазир Д.А.Қӯчқоров ва вазири молия Т. А. Ишметов барои ташкили иҷрои самараноки қарори мазкур масъулияти шахсӣ гузошта шавад.

Амалисозии ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти идораҳое, ки барои иҷрои ин қарор масъуланд, ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н.Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*22 феврали соли 2021.*

## ХАБАРҲО

### Кормандони ВАО дар сарраёсат

***Ба сарраёсати корҳои дохилии шаҳри Тошканд сафари матбуотии ходимони ВАО ташкил карда шуд. Роҳбари сарраёсат, генерал-майор Азиз Тошпӯлатов ва дигарон оиди шарт ва шароитҳое, ки барои кормандон фароҳам оварда шудаанд, корҳое, ки ба иҷро расонда мешаванд, маълумот доданд.***

Президенти ҷумҳурӣ аснои ташриф ба ин сарраёсат (12 феврали соли 2021) зарурияти боз ҳам ривоҷ додани маркази хабарӣ-мултимедиро алоҳида таъкид сохта буд. А.Тошпӯлатов гуфт, аз рӯи иҷрои супоришоте, ки роҳбари давлат гузошт, корҳо шурӯъ шуданд. Ҳар як ҳодиса марбут ба қонуншиканӣ, ки дар пойтахт рӯй дод, ҳадаҳа ошкор карда мешавад. Дар пешгирии ҳолатҳои номатлуб кӯмаки ҷомеа зарур. Тавассути пурзӯрсозии таъсири ҷомеа, ба муҳокимаи умум гузоштани масъалаҳо вобаста ба профилактикаи корҳои ҷиноӣ пеши роҳи вазъиятҳои нохушро гирифтан мумкин, таъкид ёфт дар чорабинӣ. Дар бораи фаъолияти отряди савораи умури дохила низ гуфтугӯ ба амал омад. Баъд иштирокдорон ба фаъолияти маркази мултимедии бо технологияи замонавӣ муҷаҳҳаз аз наздик шинос шуданд, аз музейи навташкили «Шаъну шараф» боздид намуданд.

### «IT-Med» дар хидмати аҳолӣ

***Дар асоси қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои самарабахш ба роҳ мондани рақамикунонӣ дар соҳаи тандурустӣ» аз 23 феврали соли равон минбаъд дар мамлакат тамоми ташкилотҳои тиббӣ, аз ҷумла дорухонаҳо ба платформаи ягона пайваст гардонда мешаванд.***

Ҳамчунин дар заминаи КУД «Маркази рушди технологияҳои коммуникатсияҳои иттилоотӣ» тахти муассисии Вазорати тандурустӣ ҶММ «IT-Med» созмон дода мешавад.

«IT-Med» дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ҷиҳати офаридани сохтори иттилоотӣ ва базаи маълумотҳо, рушди хидматрасонӣ дар ин самт фаъолияти худро ба роҳ мегузорад. Дар доираи ба амал баровардани корҳое, ки дар зиммааш мебошанд, метавонад кадрҳои малаканок, баробари ин мутахассисони маҳоратнокро аз хориҷ ҷалб кунад. Ҷуз ин то 1 январи соли 2023 барномаҳои махсус ва мобилҳои иловагие кор карда баровардa мешаванд, ки ба аҳолӣ ва истифодабарандагони сохтор хидматҳои тиббии интерактивӣ мерасонанд.

### Қабулҳои оммавӣ дар сартосари ҷумҳурӣ

***Дар маҳалҳо оиди масъалаҳои судию ҳуқуқӣ қабулҳои оммавӣ гузаронида мешаванд.***

Бо мақсади ҳалли мушкилоти аҳолӣ дар масъалаҳои судию ҳуқуқӣ масъулони Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вазоратҳои корҳои дохилӣ ва адлия, Кумитаи гумрук дар маҳалҳо бо аҳолӣ вомехӯранд.

Тахти роҳбарии ҷонишини аввали мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Б.Исломов ва раиси Суди олӣ К.Комилов гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ созмон ёфтааст. Кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон моҳҳои март-июли соли равон дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд баргузор мегардад. Қабулҳои оммавӣ дар масъалаҳои судию ҳуқуқӣ аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм оғоз меёбанд, гуфта мешавад дар маълумоти Қабулхонаи халқи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз зинаи вилоятии саракунии «Олимпиадаи Қӯқанд» шуда гузашт. Дар он зиёда аз 400 нафар хонандагони синфҳои 5-11-уми аз шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Сурхондарё сарашуда байни ҳам аз фанни математика дониши худро озмуданд.*

*Дар мусобиқаи мазкур, ки бо ташаббуси Донишгоҳи Қӯқанд ташкил шудааст, довталабон бояд ба 30 саволи аз ҷониби Маркази давлатии тест тартибдодашуда ҷавоб баргардонанд.*

*Мувофиқи шарти олимпиада аз ҳар ҳудуд аз рӯйи 3 гурӯҳ 5 нафарӣ ҷамъ 15 нафар ғолиб ҳуқуқи дар зинаи ҷумҳурӣ иштирок карданро дорад. Зинаи ҷумҳурӣ 13-14 марти соли ҷорӣ дар Донишгоҳи Қӯқанд баргузор мегардад.*

***Дар сурат:** лавҳа аз озмун.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

# ЭЪЛОНИ ОЗМУН БАРОИ КОРКАРДИ ШИОРИ ҶАШНВОРАИ II БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲУНАРМАНДӢ

*Барои коркарди шиори Ҷашнвораи II байналхалқии ҳунармандӣ, ки 10-15 сентябри соли равон дар шаҳри Қӯқанд баргузор хоҳад шуд, озмун эълон карда мешавад.*

*Дар озмуни эҷодӣ баробари шоиру нависандагон ва журналистони касбӣ, шахсони ҷисмонӣ (фрилансер, ҳунармандон, донишҷӯён ва дигарон) низ иштирок карда метавонанд.*

*Рӯйи варианти нодири шиор кор баред ва онро бо тавсифи мухтасар пешниҳод намоед. Шиор дар баробари моҳияти ҷашнвораро кушодан, бояд ба мавзӯъ мутобиқат кунад, хулосаи нотакрори бадеии худро дошта бошад, санъати амалии халқро таҷассум созад, давраи рушди Ӯзбекистони навро, ки ба сифати давлат дар остонаи Эҳёи сеюм қарор дорад, фаро гирад, Ҷашнвораи II байналхалқии ҳунармандиро тараннум намояд.*

*Бунёди мукофотии озмуни эҷодӣ:*

*ҷоизаи якдафъаинае, ки барои ҷойи якум дода мешавад, 5 000 000 (панҷ миллион сӯм)-ро ташкил медиҳад.*

*Матолиби ба озмун пешниҳодшуда то соати 14:00 14 марти соли 2021 қабул карда мешавад.*

*Ғолиб 15 майи соли 2021 эълон карда мешавад ва шиори ӯ ба шиори ҷашнвора табдил хоҳад ёфт.*

*Лоиҳаҳои шиор — файл ва матнҳои тасвир бояд то соати 14:00 14 марти соли 2021 ба нишонии зерин иитиқол дода шаванд:*

*100185, шаҳри Тошканд, кӯчаи Домбробод, бинои 74.*

*Телефон барои маълумот: (+99871) 279-80-88.*

*E-mail: info@handicraftman.uz.*

## Дар ҳошияи қарор

# ҚУДРАТ ДАР МАЪНАВИЯТ ВА МАЪРИФАТ

***Имрӯз Ӯзбекистон дар сафи бисёр мамлакатҳои рушдёфта дар вазъи ҳамнафасӣ бо замон дар давраи нави тараққиёт қадамҳои қатъӣ мегузорад. Табиист, ки дар ин ҷараён лозим меояд чун дигар кишварҳои олам дар «деги маданияти оммавӣ» бичӯшем. Ягона воситае, ки қодир аст моро аз ин «дег» беталафот гирифта барорад, дар ҷамъият ва миёни одамҳо пурзӯр гардонидани таъсири маърифат ва маданият мебошад.***

Дар ҷараёни ҷаҳонигардӣ, дар вазъе ки ба тамоми соҳа ва қишрҳо бинобар табодули иттилооти шиддатнок таҳдидҳои ғоявӣ-мафкуравӣ авҷ гирифтааст, бояд ҳушёрӣ ва огоҳиро аз даст надиҳем. Дар ин самт ба аҳли зиё ва илму ирфон, дар баробари ҳамин ба тарғиботгарони маърифат, ки нури имон ва эҳсоси халқпарварию ватандӯстӣ дар гунаашон медурахшад, чун шамъ сӯхта, ба торикиҳои зиндагӣ равшанӣ мебахшанд, бештар эҳтиёҷ ҳис мекунем.

Бинобар чунин заруратҳо ва тақозои давр дар давлати мо як қатор қонун ва қарорҳо қабул гардиданд, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, дар навбати аввал ба пешрафти риштаи маънавиёт ва маърифат нигаронида шудаанд.

Дар асоси қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди баланд бардоштани самаранокии корҳои маънавию маърифатӣ» аз 3 майи соли 2019 дар назди Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ташкил карда шудани Ҷамъияти тарғиботгарони «Маърифат» дар ин самт яке аз қадамҳои муҳим гардид.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали оғозёбии фаъолияти Ҷамъият дар назди он вазифаҳои муҳими ҳаётӣ оиди эҳёи беҳтарин анъанаҳои марбут ба гузаштаи пуршаъни маънавияти миллӣ, фаҳмонидани маъно ва моҳияти намунаҳои нодир ва нотакрори арзишҳои фарҳангии мо, дарёфти тамоюлҳои рушди падидаҳои маънавие, ки решаҳои қадимии таърихӣ доранд, гузошта шуд. Фидоиёни маърифат дар назди худ вазифа гузоштанд дар вазъи истифода аз усули воситаҳои таъсирнок ва замонавӣ дар байни аҳолӣ, хусусан ҷавонон, ки имрӯз ваояндаи ҷамъиятанд, корҳои тарғиботӣ баранд, ки ба тарбияи онҳо дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, муқаддас шумоддани анъана ва арзишҳои динӣ ва маърифатиамон нигаронида шудаанд. Тарғиботҳо алайҳи таҳдидҳои дохилию берунӣ корбаст шуда, онҳо бояд дар навбати аввал наврасону ҷавононро аз ҳар гуна хатарҳои иттилоотӣ муҳофизат намоянд.

Дар ҷараёни таъсис додани Ҷамъияти тарғибгарони «Маърифат» ба он эътибор нигаронида шуд, ки узвият аз ҳисоби шахсони муносиб, ки воқеан соҳиби маънавиёти бой мебошанд, таркиб ёбад. Номзадҳое, ки аз ҷониби тамоми вазоратҳо, идораву ташкилотҳои эҷодӣ ва масканҳои илмӣ тавсия шудаанд, ҳарҷониба санҷида ва беҳтаринҳо ба аъзоӣ пазируфта шуданд. Дар байни аъзо намояндагони идораҳои давлатию ҷамъиятӣ, олимон, мутахассисон, арбобони маданият, санъат ва адабиёт ҳастанд. Ташаккул додани гурӯҳи махсус иборат аз тарғибгарон, ки дар миқёси ҷумҳурӣ корҳои ташвиқотӣ пеш мебаранд, татбиқи муносибатҳои нав ба гурӯҳ, рағбатнок карда рафтани тарғиботгарони беҳтарин аз нигоҳи маънавию молиявӣ, пардохти ҳақ ба маърӯзаҳое, ки дар чорабиниҳои маънавӣ хонда мешаванд, гузаронидани озмун-азназаргузаронии «Беҳтарин тарғиботгари маънавияти сол», тавсия ба нишони сарисинагии «Маънавият фидойиси» ба роҳ гузошта шуд.

Бо мақсади дар байни аҳолӣ васеъ тарғиб сохтани 5 ташаббуси муҳиме, ки аз ҷониби роҳбари давлати мо пешниҳод шудааст, боз ҳам баланд бардоштани самаранокии корҳои маънавию маърифатӣ дар байни аҳолӣ, дастгирии ташаббусҳои ҷавонон, ки корҳои фарҳангӣ, варзиш, технологияҳои иттилоотӣ, китобхонӣ ва соҳаи санъатро дар давраи нави таърихӣ мувофиқи талаби замон ба роҳ гузоштанианд, тарғиботгарони мо зуд-зуд дар муассисаҳои таълимӣ, маҳаллаҳо, қисмҳои ҳарбӣ шуда, иштирокдоронро ба дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат, рафти ислоҳот дар соҳаҳои маънавияту маърифат аз наздик шинос менамоянд. Баромадҳое мекунанд, ки ба боз ҳам васеъсозии доираи тафаккур ва ҷаҳонбинии аҳолӣ, баланд бардоштани маданияти китобхонӣ равона шудаанд. Дар доираи чорабиниҳо ба аъзои шуъбаи ҳудудии Ҷамъияти тарғиботгарони «Маърифат» нишони узвият ва гувоҳномаҳо тантанавӣ супорида мешавад.

(Давомаш дар саҳ.3).

# ҚУДРАТ ДАР МАЪНАВИЯТ ВА МАЪРИФАТ

(Аввалаш дар саҳ.2).

Баромадҳои бадеии санъаткорон, айни замон, ба рӯҳияти иштирокдорон таъсири хуб мерасонад. Санъаткорон, шоиру нависандагон, арбобони намоёни давлатию ҷамъиятиро рӯ ба рӯ дидан, аз суҳбати онҳо баҳровар шудан ба аҳолӣ, хусусан шаҳрвандонамон аз ноҳияҳои дурдаст як олам завқ мебахшад. Беҳуда нагуфтаанд, ки меҳр дар чашм – дидорбиниҳо дар навбати худ ба эҷодкорон илҳом мебахшад. Адибон аз байни аҳолии оддӣ қаҳрамонҳои ояндаи асарҳои худро меҷӯянд. Навигариҳои маҳалҳоро дар ВАО ва дигар маводҳои чопӣ эълон менамоянд, ки он чизҳо «репортаж аз ҷои воқеа»-ро мемонанд.

Маълум, ки бо ташаббуси роҳбари давлати мо 156 нафар ҳамдиёрони саргуму саргардони Ӯзбекистон, ки дар ҳудудҳои оташфишони Шарқи наздик азият мекашиданд, ба кишвар баргардонида шуданд. Бо мақсади мувофиқсозии онҳо ба ҳаёт ва муҳити иҷтимоию маънавии солим дар истироҳатгоҳи «Бӯстон» бо иштироки аъзои гурӯҳи тарғиботгарони «Маърифат» чорабинӣ рӯи кор омад. Амалиёти инсонпарваронаи «Меҳр» имкон дод занони бечора, кӯдакони бегуноҳ, ки дар байни оташ монда буданд, ба Ватан баргашта, нафаси озод кашанд ва ба меҳру муҳаббат фаро гирифта шаванд. Дар чорабиние, ки зикр гашт, 107 нафар бачаҳо, 48 нафар бонувон ширкат ҷустанд. Дар омӯзиши вазъи рӯҳии бонувон тарғиботгарони мо низ саҳм гирифтанд.

Бо мақсади баровардан аз ҳолатҳои стрессӣ, пешгирии зиддиятҳои оилавӣ, бедорсозии ҳисси ҳаётдӯстӣ ва афзуннамоии фаъолнокии иҷтимоӣ бо иштироки рӯҳшиносон тренингҳо баргузор гардиданд.

Дар асоси қарори Президентамон, ки дар боло зикр гашт, бо ҳамдастии Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ, ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ таҳти шиори «Маънавият – қудратноктарин ва таъсирноктарин аслиҳа» дар ҳудудҳои ҷумҳурӣ «Ҷашнвораи маънавият» гузаронида шуд.

Дар доираи ҷашнвора дар самтҳои маънавию маърифатӣ семинар-тренингҳо, вохӯриҳои эҷодӣ, анҷумани илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти мавзӯи «Асоси тараққиёти ҷамъият маърифат мебошад» рӯи кор омаданд. Намоиши китобҳои бадеӣ-маърифатӣ таҳти мавзӯи «Ба бачаҳо маърифат бахшида», аксияҳои хайриявӣ, армуғонсозии китобҳо зери шиори «Ба мактаби қадрдонам китоб туҳфа менамоям» шавқангез сурат гирифтанд.

Тарғиботи либос ва лухтакҳои миллӣ, мушоираи «маърифат» бо иштироки адибон, ташкили лоиҳаҳои «Маърифат тур», муаррифии клуби блогерҳои «Зиёиён» низ хотирмон буданд.

Ҷашнворае, ки тамоми ҳудудҳои ҷумҳуриро фаро гирифт, гуфтан мумкин, эътибори миллионҳоро ба худ кашид ва дар онҳо таассуроти нек гузошт.

Дар як қатор чорабиниҳои маънавӣ-маърифатие, ки таҳти шиори «Ободонӣ аз дил сар мешавад» дар ноҳияи Қуйичирчиқи вилояти Тошканд сурат гирифт, ба онҳое, ки ниёзманданд, кӯмакҳои моддию маънавӣ расонда шуд.

Корҳои тарғиботие, ки дар ноҳия ва шаҳрҳои вилояти Сирдарё таҳти мавзӯи «Оилаи ман – сарвати ман» баргузор шуданд, бобати пешгирии ҷудошавиҳои оилавӣ, дар хонадонҳо офаридани муҳити солимию маънавӣ, дар зеҳн ва қасби наврасону ҷавонон ҷойгир сохтани эҳсоси ватанпарварӣ ва садоқат ба арзишҳо ҳамчунон самаранок буданд.

Таҳти эҳтимоми тарғиботгарони фаъол 20 адад оилаҳое, ки хавфи ҷудошавӣ доштанд, ба муросо омаданд.

Ҷамъият назди худ мақсад ва вазифаҳои бузургро гузоштааст. Вақте гурӯҳи тарғиботӣ бо халқ, бо ҷавонони фаъол ҳамнафас аст, корҳои зиёд ба амал бароварда шуда, мамлакатамон бо қиёфаи маънавии ба худ хос эътибори ҷаҳониёнро бештар ба худ мекашад.

**Бахтиёр ҲУСАНОВ,**
**раиси Ҷамъияти тарғиботгарони «Маърифат».**

# УСТОДИ САҲНА ДАР САҲНАҲОИ ЗИНДАГӢ

***Соли 2020 якчанд намояндагони санъати театр ва кинои ӯзбек бар асари вируси тоҷдор ва сабабҳои дигар зиндагиро падруд гуфтанд. Моҳи феврал, ҳанӯз пандемия паҳн нашуда, актёри шинохта Ғайбулло Ҳоҷиев, ки бо вуҷуди беморӣ дар синамо нақшҳо мебозид, ногаҳон вафот кард. Ин актёри бомаҳорат дар саҳнаҳои ҳаёт низ санъати инсонигарӣ намоиш дода, ба дил ва дидаҳо роҳ ёфта буд.***



Гоҳ дар назди идораи радио, гоҳ телевизион, гоҳ дар кӯчаҳои шаҳр, гоҳ дар назди манзиле, ки истиқомат мекард, бо Ғ.Ҳоҷиев дучор шуда, меҳр ва самимияти раҳгузаронро нисбати ӯ эҳсос менамудам. Мегуфтам: «Ин қадар шиносҳоятон бисёр?» Бале, одамон ӯро дӯст медоштанд. Вай ҳам одамонро эҳтиром мекард. Дӯстдор ҳам буду дӯстдошта ҳам. На ҳама аз ин гуна саодат бархурдор.

Ғайбулло Ҳоҷиев соли 1956 дар маҳаллаи Хоҷа Порсои шаҳри Бухоро ба дунё омад. Дар оила панҷ нафар фарзанд ба воя расида, панҷ тарафро обод карданд. Тақдир Ғайбуллоро, ки тарбияи маънавиро асосан аз бобо ва бибии модариаш Муҳаммад Сафо Махсум ва Сиддиқахонум гирифт, ба Тошканд пайваст – баъди хатми мактаби миёнаи рақами 5-уми шаҳри Бухоро дар институти театрӣ ва рассомии Тошканд таҳсил кард ва онро соли 1977 бомуваффақият ба итмом расонд. Ҳанӯз солҳои донишҷӯӣ ба назари устодон, ки ҳамеша истеъдодҳоро меҷӯянд, афтод. Роҳбарияти театри ба номи Аброр Ҳидоятов харидорӣ намуд ва дар ин боргоҳи ҳунар ба фаъолияти мустақилона шурӯъ сохт. Сонитар театри ба номи Ҳамза – алҳол Театри миллии академӣ-драмавии ӯзбек коргоҳи вай қарор гирифт ва дар ин ҷо солҳои тӯлонӣ самаранок меҳнат кард, як силсила образҳои ҷовидонаи ба дурдонаи санъати ҷаҳонӣ воридшударо ба маҳорати ба худ хос иҷро намуд.

Ҳоҷиев ҳанӯз бо иҷрои аввалин нақшҳо тамошобинҳоро ба худ кашид. Дар ҳимояи дипломӣ нақши домодро дар спектакли «Тӯй муборак, пирдухтар» (асари Умар Байҷиев) бозид ва ба баҳои баланди устодону тамошобинон сазовор гашт. Яке аз пирони санъати Ӯзбекистон, оҳангсози номӣ Мутаваккил Бурҳонов аз ҳунарнамоии хуби Ғайбулло ба ваҷд омада, дасташро самимона фишурд, барояш барорҳои тоза хост.

Дар байни ҳунарпешагони ҷавон рӯйгарм, дидадаро, заҳматкаш, боистеъдод, ки буд, устодони санъат Зикир Муҳаммадҷонов, Санъат Девонов, Бахтиёр Ихтиёров, Баҳодур Йӯлдошев, Саъдихон Табибуллоев «писарам» мегуфтанд бо меҳри падарӣ.

## *Ёдбуд*

Баробари фарзандвор муомилаю муносибат кардан Ғайбулло аз ин чеҳраҳои намоён асрори ҳунар меомӯхт, саъй мекард боввариашонро сазовор гардад ва тавфиқ ёбад.

Аз устодони санъати театрӣ аз ҳама бештар Олим Хӯҷаев ба дил ва дидаи Ғ.Ҳоҷиев қаринтар буд. Дар лаҳзаҳои фориғ аз кор Олимака Ғайбуллоро ба суҳбат мекашид. Бухороро пазмон шудам, гӯён ба гуфтугӯ оғоз мекард вай, биё, писарҷон, аз одамҳои шаҳри шариф ва навигариҳое, ки он ҷо рӯй додаанд, ҳарф зан.

Устоду шогирд бо лаҳҷаи Бухоро суҳбат мекарданд. Муҳаббати чеҳраи намоёни ҳунар ба забони модарӣ дар суханҳои пурҳарорааш оиди Бухоро, кӯча ва маҳаллаву гузарҳои он, ки ҳар яке номи таърихӣ доштанд, бараъло шарора мезад. Вақте шогирд «Индустриалний», «Интернатсионалний», «Стрелковой», «Красний партизан» гӯён номи кӯчаҳои онвақтаро ба забон меовард, ба қиёфаи устод ҳузн соя меафканд. Баҳасрат оҳ мекашид ва мегуфт:

– Дар собиқа Хоҷа Булғор, Кокули Калон, Хоҷа Порсо, Хоҷа Рӯшноӣ ном доштанд ин кӯчаву гузарҳо. Афсӯс...

Баъде мамлакатамон ба истиқлолият даст ёфт, номи таърихии кӯча ва гузарҳои зикршуда барқарор гашт. Тавре мебинем, номи кӯчаҳо номи шахсоне мебошанд, ки дар саҳифаҳои Бухоро бо зикри хайр ва амали нек ҷовидон сабт ёфтаанд. Ғайбулло вақте ба зодгоҳ рафт ва дар кӯчаву маҳаллаҳои шаҳри азизаш қадам зад, баробари азизу авлиёе, ки хотираашон абадӣ гардонда шудааст, устодони арҷманди худро низ ба ёд меовард. Дар навбати аввал Олим Хӯҷаеви зиндаёдро, ки дар рушди санъати театрӣ хидмати босазо кард, чун «Навоии театри ӯзбек» (вай тӯли 25 сол дар саҳнаи театри миллӣ образи Навоиро офаридааст) мавриди эътироф ва эътибори алоқамандони санъат қарор гирифт. Баъдтар Ғ.Хоҷиев нақши Солеҳ Маҳдумро аз «Каҷдум аз меҳроб»-и Абдулло Қодирӣ офарид ва онро ба устоди азизаш Олим Хӯҷаев бахшид.

Дар миёнаи солҳои навадуми қарни сипаришуда театри миллӣ ба намоиши асарҳои таърихӣ оиди фаъолияти ибратбахши бузургмардони олами хирад эътибори бештар нигаронд. Симои Яссавӣ ва ал-Фарғониро ба Ғ.Ҳоҷиев супурданд ва вай аз ӯҳдаи ин кори масъулиятталаб ба хубӣ баромад. Барои иҷрои ин нақшҳо соли 1997 ӯ ба унвони Ҳунарпешаи хидматнишондодаи ҷумҳурӣ сазовор гашт. Тӯли фаъолияти эҷодӣ дар саҳнаи театри миллӣ бо нақшҳои мазҳакавӣ низ эътибори тамошобинонро ба худ кашид. Зарофат ва хушгуфториҳои ба бухориён хос дар тарзи ҳаёти ҳунарпешаи боистеъдод, муомила ва муносибаташ дар саҳнаҳои театру зиндагӣ равшан падидор мегашт. Симои пири маънавии ширинкорон Насриддин Афандиро Ғ.Ҳоҷиев дар намоишҳои саҳнавӣ аз нав зинда намуд. Дар филмҳои эҷодкорони ӯзбек бахшида ба Афандӣ, ки мавриди коркард қарор гирифтаву дар хазинаи тиллоии кинои ӯзбек нигаҳдорӣ мешаванд, ба Афандӣ овоз дод.

(Давомаш дар саҳ.4).

# КИТОБ – ГАНҶИНАИ НОЁБ



Китоб ганҷи бебаҳост. Ҳар қадар китоб хонем, ҳамон қадар кам аст. Китоб сарчашмаи илму дониш, маънавияту маърифат ва ғайра мебошад. Китоб аз муъҷизаҳои бузургтарину беҳтарини хиради инсоният аст. Бешубҳа, китоб дӯсти беминнати инсон мебошад. Мо – хонандагони мактаб имрӯз дар бораи шоирону адибони бузурги гузашта, таърихи халқу миллат ва Ватанамон маҳз тавассути мутолиаи китобҳо хабардор мешавем. Дар бораи китобу китобхонӣ ва қудрати он шоирони бузурги мо гуфтаҳои зиёде доранд, ки туфайли онҳо шавқу ҳаваси мо ба китобхонӣ меафзояд. Абдураҳмони Ҷомӣ фармудааст:

*Беҳтар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*

Дар китобхонаи мактаби мо зиёда аз 300 номгӯи китобҳои тоҷикиву ӯзбекӣ мавҷуданд, ки хонандагон аз онҳо баҳрабардорӣ мекунанд. Ғайр аз ин, дар давоми таҳсил бо ташаббуси роҳбарияти таълимгоҳ дар мактаб семинару чорабиниҳои китобхонӣ аз рӯйи “5 ташаббуси муҳими Президент”, ки ташаббуси чоруми он “Ба баланд бардоштани маънавияти ҷавонон, ташкил кардани корҳои мунтазам бобати васеъ тарғиб намудани китобхонӣ дар байни онҳо нигаронда шудааст” гузаронда мешаванд, ки ба хонандагон шавқи зиёд мебахшад. Ба наздикӣ бо саъю кӯшиши мудири китобхонаи мактаб таҳти мавзӯи “Китоб – ғизои маънавӣ” чорабинӣ гузаронда шуд. Дар он хонандагони синфҳои 8-11-уми мактаб фаъол иштирок карданд. Дар чорабинӣ ҷамоаҳои “Овози тоҷик” (синфи 9), “Ховар” (Синфи 8), “Китобхон” (Синфи 10) ва “Ҷавонон” (Синфи 11) бобати пайдоиши китоб, маълумот дар бораи китобҳои шоирон, саҳначаҳои бадеӣ, мусобиқаҳои саволу ҷавоб ва ғайра байни ҳамдигар мусобиқа карданд. Дар он хонандагони синфи 10-ум бо холи зиёд ҷойи аввалро ишғол намуданд. Бояд гуфт, ки ин қабил тадбирҳои адабию бадеӣ дар таълиму тарбия, ҷаҳонбинӣ, инкишофи нутқ ва маънавияти мо — хонандагон нақши муҳим мебозанд.

**Самия САФАРОВА,**
**сарвари “Матбуот ва медиа”-и мактаби рақами 43-юми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

# ҚИССАИ ХАЙРМАМАД

*(Воқеа)*

Аввали баҳори соли 2005 буд. Ман дар шаҳри Мазори Шариф, ки дар қисмати шимолии Ҷумҳурии исломии Афғонистон ҷойгир аст, дипломат – корманди консулгарии Ҷумҳурии Ӯзбекистон будам. Қариб шаш моҳ боз Хайрмамадро мешинохтам. Вай бо консули мо дӯстӣ дошту ҳафтае сечор маротиба ба консулгарӣ меомад. Ӯ аз миллати паштун буд ва тахминан чил-чилу панҷ сол дошт. Ба гуфтаи ӯ, падараш вайро барвақт хонадор карда буд ва аз шонздаҳ фарзанди таваллудкардаи хонумаш ёздаҳтояшон он замон дар қайди ҳаёт буданд. Аз рӯзи аввали шиносоӣ дидам, ки либоси оддӣ мепӯшид, камгап буд ва фақиру нодор ба чашм мерасид, баъдтар фаҳмидам, ки чор мошини калони боркашӣ дорад, ки дар дохили Афғонистон ва гоҳо берун аз он фаъолият доштанд. Ӯ дар Мазори Шариф зиндагии осуда ба сар мебурд. Ману Хайрмамад ғайри пурсупоси оддӣ, муносибати дигаре надоштем. Аз рӯзи аввали шиносоӣ, намедонам аз чӣ сабаб вай ба ман маъқул набуд.

Консули мо ба рухсатии навбатӣ баромада, ба ватан баргашт. Ман танҳо мондам ва корҳои раҳбарро низ ба дӯши худ гирифтам. Дар ин муддат Хайрмамад ду-се бор ба консулгарӣ омад. Баъд чанд рӯз нопайдо шуду як бегоҳӣ наздам даромад. Дидам, ки бисёр парешону хаста ба назар мерасид, пурсидам, ки чаро чанд муддат камнамо буду дар ин ҳол аст. Ӯ бо андӯҳу парешонӣ ҷавоб дод, ки чор сол пеш ҳавличаи хурди ҳамсояашро харида буд, ки он се ҳуҷраи хурд дошта, масоҳаташ тахминан сесад метри мураббаъ аст. Аз ҳамон вақт сар карда, дар он ҳавлича чор малангро (маланг – бесару по, хонабардӯш; Камхирад, беақлу бетадбир; бомж.) нигоҳубин мекард, ки аз кӯчаҳои Мазори Шариф ҷамъ карда буд. Онҳо бо синну сол ба якдигар наздик ва монанди қисми зиёди малангони шаҳр носолим буданд, ақли расо надоштанд, худро намешинохтанд, чизе, ки пайдо мекарданд, мехӯрданду ба ҳар тарз рӯзу шабро паси сар мекарданд. Онҳо гузаштаашонро умуман намедонистанд, дар ғами оянда ҳам набуданд, аммо хурсандиовар он буд, ки дар як муддати кӯтоҳе ба якдигар бисёр унс гирифтанд. Рӯзона ба шаҳр баромада, бо ихтиёри худашон сайру гашт мекарданд ва бегоҳӣ ба ҳавлича пас мегаштанд. Бо мақсади нигаҳбонии ин бечорагон Хайрмамад мардикоре низ гирифта буд, ки хонаю ҳавличаро рӯбучин мекард, барои малангон хӯрок тайёр менамуд, либосҳояшонро мешуст ва ҳафтае як маротиба, баъзан иҷборан оббозӣ дошта, либосҳояшонро табдил медод, гоҳо онҳоро сайр мекунонид, гоҳо аз кӯчаҳои шаҳр ба хона меовард, умуман, хидмати ин хонабардӯшонро адо мекард.

Хайрмамад суҳбатро давом дода, қайд намуд, ки даҳ-дувоздаҳ рӯз пеш яке аз чор маланг бо номи Яҳё, ки тахминан чилу панҷ-панҷоҳсола буд, мариз шуд. Дар яке аз рӯзҳои бемории Яҳё, ки дар «доноӣ» аз дигар малангон фарқе надошт, якбора тағйир ёфта, чун одамони солимақл васият кард, ки агар тарки дунё намояд, ӯро дар дашти Лайлӣ (дар шимолу шарқи вилояти Балх ҷойгир аст) гӯронанд. Ӯ бо чашмони пурашк ва бо як ҳаяҷони ғайриоддӣ боз илова намуд, ки дашти Лайлӣ хушҳавост, он ҷо шамоли нарму фораме доимо дар вазиш аст. Ӯ мехоҳад қабраш дар ҳамон дашт, дар баландие бошад, то ки дур аз дигарон ором хобаду аз ҳавою шамоли хушу нарми дашт баҳра барад. Хайрмамад дар ҳайрат буд, ки Яҳё дашти Лайлӣ ва боду ҳавои онро аз куҷо медонад ва дар пеши ҳама малангон ваъда дод, ки хоҳиши аввалину охирини Яҳёро иҷро хоҳад кард.

Ба кӯмаки докторҳои хуби шаҳр нигоҳ накарда, аҳволи вай рӯз аз рӯз бадтар мешуд ва баъди ҳафт рӯзи бетобӣ аз дунё чашм пӯшид.

Хеле тааҷҷубовар буд, ки дар давоми ин ҳафт рӯзи касалии Яҳё, малангон монанди пешина ҳавлиро рӯзона тарк накарданд. Онҳо ҳамеша дар атрофи бемор буданд ва худро баъзан чун одамони боақл меҳрубони якдигар нишон медоданд.

Хайрмамад ҳамроҳи малангон ҷанозаи Яҳёро ба дашти Лайлӣ, ки аз Мазори Шариф дар масофаи тахминан 150 километр дуртар ҷойгир аст, бурда, ҷойи баланду хушҳавоеро интихоб намуд ва ба хок супурд. Дар атроф дар масофаи понздаҳ-бист километр ягон ободие дида намешуд. Он рӯз ҳам монанди дигар рӯзҳо дар дашт шамоли нарму фораме мевазид.

Баъд ҳама ба Мазори Шариф пас гаштанд. Яҳё дар дашт танҳо монд. Яҳёи бекасу кӯй тарки дунё намуду боз танҳоиро ихтиёр кард. Шояд қабри ӯро касе зиёрат накунад. Дар ҳақиқат, ғайри Хайрмамад касе умуман ӯро ёд нахоҳад кард. Чаро вай ба дунё омад ва чаро гузашт, Парвардигор медонад.

Ба гуфтаи Хайрмамад, баъди як рӯзи ин воқеа, ҳар се маланг чун пешина субҳ ба шаҳр баромаданд, аммо бегоҳӣ ба хона барнагаштанд. Кофтукови ҷоррӯза манфиате набахшид. Онҳоро дар ягон ҷойи вилояти Балх пайдо накарданд. Хайрмамад аз ҳамин сабаб чанд рӯз нопадид буд. Марги Яҳё ва гум шудани дигар малангон ӯро хеле хаставу ғамгин карда буданд, бо вуҷуди ин ноумед нагашта мехост ҷустуҷӯро давом диҳад.

Фикру андешаи ман нисбати Хайрмамад баъди ин воқеа якбора тағйир ёфт. Ман ба дили васею инсондӯсти ин марди ҳақ аҳсант мегуфтам. Рафтори ҷавонмардона, хайру эҳсони бериёяш маро дар ҳайрат гузоштанд. Эҳтиромам нисбат ба вай бениҳоят афзуд. Донистам, ки Хайрмамади бисёр камгап ва хоксору оддӣ, ки ман то имрӯз бе ягон сабаб дӯст намедоштам, аслан аз намунаҳои олии бани Одам будааст.

Бо шунидани ин қисса об дар чашмонам ҳалқа зад ва беихтиёр аз ҳастии худ изҳори шукрона карда, аз Парвардигори олам илтиҷо намудам: Эй Холиқи якто! Дар қатори дигар бандагони дӯстдоштаат ба ман ҳам қудрате ато кун, то ки чун Хайрмамад ва дигар мардони Худо тавонам, ки ба одамони муҳтоҷу нотавон кӯмак кунам ва доройи худро дар роҳи ризоят харҷ намоям! Омин! Ё раббил оламин!

**Наҷмиддин РАШИДОВ,**
**нафақахӯри ҳарбӣ, шаҳри Тирмиз.**

*Акси садо*

# НОМИ ЗЕБОВУ БАМАЪНӢ – ҲУСНИ ИНСОН

***Баробари ба дунё омадани фарзанд шодию нишоти падару модар ва тамоми аҳли хонадон меафзояд. Яке аз вазифаҳои аввалини волидайн ва пайвандон ба кӯдак гузоштани номи муносиб аст. Номгузорӣ ба навзод асрҳо боз масъулияти бузурги қарибон ба ҳисоб меравад.***

Баъд аз мутолиаи мақолаи Н.Нодирова таҳти сарлавҳаи «Фарзанд аз падар ҳақ дорад, ки...» дар рӯзномаи дӯстдоштаамон («Овози тоҷик», 20.II.2021, №15) ман низ хостам мулоҳизаҳоямро оид ба ном ва масъулияти номгузорӣ баён кунам.

Дар гузашта бо назардошти ҷой, рӯйдод, шароит ё вазъи таваллуди кӯдак ба ӯ ном мегузоштанд. Номҳои Истад, Ӯрун, Ӯсар, Тенглаш, Тӯйчӣ, Тӯйгул, Ҷумъа, Очил, Милтиқ, Ханҷар, Мергон ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Бисёр номҳоро вобаста ба ҷойи зист ва миллатҳои маскуни он маҳал мегузоштанд. Аз ҷумлаи Қазоқбою Ӯзбакбой, Қирғизбою Туркманбой ва монанди инҳо.

Дар баъзе маҳалҳо, бахусус мардуми тоҷики қаторкӯҳи Нурато ба фарзандонашон номҳои наздикони фавтидаашонро мегузоранд, ки бо ибораи “номи меросӣ” машҳур аст. Кӯдакро ба ҳурмати соҳиби аввали ном Бобо, Момо, Додо, Оча, Акабой, Амма, Бародар гӯён ном мегиранд.

Алҳол падару модар, махсусан, волидайни ҷавон кӯшиш мекунанд ба фарзандашон номе гузоранд, ки дар ҷойи зисташон набошад. Аз ин рӯ, аксарияти номҳо маъно ё хусусиятҳои миллӣ надоранд. Аз таҷрибаи омӯзгорӣ медонам, ки ба мактаб ҳар сол хонандагоне меоянд, ки соҳиби номҳои ғайримиллӣ ҳастанд. Ба мисли Саваш, Фемида, Сензора, Таня, Гита, Зита ва ҳатто Тайсону Зидан.

Мо, насли бузургсол ӯҳдадор ҳастем, ба фарзандонамон номҳои хубу бамаънӣ ва гӯшнавоз диҳем, Аз маънои номи духтарон доноиву барноӣ, зебоиву дилбарӣ ва ҳалимиву меҳрубонӣ ҳувайдо бошад. Аз маънои номи писарон мардиву ҷасорат, фидокориву олиҳимматӣ, некиву накӯкорӣ, ҳикмату хирад ва ғайра танинандоз гарданд.

Адиби шинохтаи доғистонӣ Расул Ғамзатов аз ин хусус дар “Доғистони ман” ном асараш чунин меорад: ”Номи духтар бояд монанди шӯълаи ахтар зебо ё чун гули бӯстон раъно бошад. Дар номи мард бояд садои шамшер ва ҳикмати китоб таҷассум гардад”.

Падару модарон ба фарзандашон бояд номҳоеро гузоранд, ки баъди ба воя расиданашон боиси норозигиву гила не, сабаби сарфарозии онҳо гарданд.

Ҳангоми шиносоӣ бо ному насаби хонандагон ба бисёр ғалатҳо дучор меоем, ки аз беэътиборӣ ва “саводнокӣ”-и баъзе аз котибони идораҳои давлатӣ дарак медиҳад. Фарзандони як хонадон бо насаби ҳархела, ба монанди Орзумуродов, Орзумуратиев, Орзуев ё ба ҷойи Қиронбоева Куранбаева навишта мешаванд. Ҳангоми пур кардани гувоҳномаи таваллуд номҳои зебову маънодор ғалат сабт шуда, боиси аз байн рафтани маънои аслии он мегарданд. Ба ҷойи Шоҳиҷаҳон, Хушнуд – Шохчахон, Ҳушнуд, ба ҷойи Шаббодаву Фаррух – Шабодаву Фарух ва монанди инҳо. Таассуфовар аст, ки мо ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳо ба дуруст навиштани ному насаби ғалати шогирдон ҳақ надорем. Аз ин рӯ, тамоми ҳуҷҷатҳо аз рӯйи шаҳодатномаи таваллуд ғалат навишта мешаванд.

Аён аст, ки имрӯз тамоми ҳуҷҷатҳо аз рӯйи фомилгузории қолабии русӣ пур карда мешавад. Ному насаби дарозу гӯшхароши қолабӣ зиёданд. Вақт расидааст, ки мо дар фамилиясозӣ пасвандҳои русии –ов, -ев, -ова, -ева, -ович, -евич, -овна-ро сарфи назар карда, дар сабти ному насаб аз хусусиятҳои миллӣ истифода барем. Чунончи, ба ҷойи Элмуродов Шодмеҳр Манучеҳрович – Шодмеҳри Манучеҳр ё ба ҷойи Худойбердиева Дилноза Азизмуродовна Дилнозаи Азиз нависем, ки ҳам кӯтоҳу муъҷаз ва ҳам гӯшнавозу тоҷикона аст.

**Элмуроди РӮЗӢ,**
**омӯзгори мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато.**

**1 март – рӯзи таваллуди Зулфия**

# «БАҲОРОН ДАР СУРОҒИ ТУ БИЁМАД...»



Боз фасли гул, фасли баҳор омад. Табиат мисли арӯси нав худро оро дод. Ҳар сол бо фарорасии баҳор сарояндаи ин фасли зебоӣ – шоира Зулфияро ба ёд меорем.

Зулфияапа тамоми умр сароид, бо ҷӯшу хурӯш зиндагӣ кард, эҷод намуд. Муҳаббати Модар-Ватан, инсонпарварӣ, вафо ва садоқат сатрҳои дафтари назми ӯро пур карданд.

Зулфияапа баҳорро, зебоиро дӯст медошт, шефтаи гулу майса буд.

Айёми баҳор, рӯзҳои Наврӯз бо дастагулҳои рангоранг ба хонадони шоира бахри муборакбодӣ мешитофтем.

Ӯ бо эҳтиром, бо як эътибору хушсуханӣ моро пешвоз мегирифт.

– Омада маро хурсанд, хонаамро обод кардед, – мегуфт ӯ.

Ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад. Солҳои дар рӯзномаи «Совет Ӯзбекистони» кор карданам зери рукни «Хонаи эҷодкор» маводҳо чоп мешуд. Шоир ва нависандагони номдор Ойбек, Ғафур Ғулом, Абдулло Қаҳҳор, Зулфия, Шайхзода, Миртемир ва дигарон бо асарҳои худ дар ин саҳифа иштирок мекарданд ва ин саҳифа ба майдони мусоҳибони шавқовар табдил ёфт. Бахусус, мақола ва шеърҳои шоира мавқеи алоҳида доштанд. «Мушоира» ном шеъри шоира, ки дар он сулҳ, дӯстию бародарӣ, замонаи тинҷу осуда тараннум гардидааст, ба мукофоти байналхалқии ба номи Неру сазовор дониста шуд. Бо ташаббуси Зулфияапа маҷаллаи дӯстдоштаамон «Саодат» ба яке аз нашриёҳои бонуфуз, майдони розу ниёзи бонувон, паҳнкунандаи маънавияту маърифат табдил ёфт.

Аз ҳама муҳимаш, дар мактаби «Саодат» журналист, нависанда ва шоираҳои боистеъдод ба воя расиданд, ки дар он хидмати шоираи ҷонсӯз, меҳрубон ва сахтгир бекиёс аст.

Шоира ва журналистони шинохта: Холида Аҳророва, Эътибор Охунова, Алмос Аҳмедова, Гулчеҳра Ҷӯраева, Ойдин Ҳоҷиева, Қутлибека Раҳимбоева... Ҳамаи инҳо соҳибқаламонеанд, ки дар мактаби «Духтарони Зулфия» таҳсил гирифтаанд.

Рӯзе «Навои сурнай» ном ҳикояамро ба таҳририяти «Саодат» бурдам. Муҳаррир ҳикояро хонда фикру мулоҳизаи худро баён намуд. Бо баҳонаи ҳикоя бо Ҳамид Олимҷон бори аввал чӣ тавр шинос шуданашро гуфт: «Боре ба ҷамъомаде каме дер мондам. Нигоҳ кунам, ҳама ҷо банд. – Ин ҷо биёед, – нидо дод касе. Ба паҳлуям нигоҳ кардам, Ҳамид Олимҷон маро ба назди худ мехонд. Бо каме ҳаяҷон рафта нишастам. Рақами палтоямро, ки супурда будам, дар даст бозӣ доронда менишастам. Магарам ин ҳаракати ман ба Ҳамид Олимҷон нафорид, ки рақамро аз дастам гирифта ба кисааш андохт.

– Ба шумо халал расонда истодааст, баъд аз маҷлис медиҳам, – бо табассум гуфт ӯ.

Маҷлис ба охир расид, ба берун баромадам. Ҳама паси ҳам баромада рафтанд. Ҳамин вақт шоир дар даст палтои ман омад ва бо як тавозӯъ онро ба китфам партофт.

Каме пиёда меравем, раҳорах суҳбат мекунем, гуфт ва ҳар ду ба роҳ даромадем, ҳамон вақт то хонаам маро гусел кард. Баъдтар ин вохӯриҳо ба мазмуни шеърҳоям табдил ёфтанд. Ситораҳоямон мувофиқат карда будаст, хонадор шудем. Фикр, андеша, нигоҳ, дунёи маънавиамон якхела буданд.

Рӯзе ба сифати роҳбари рӯзнома ба Зулфияапа занг зада, бахшида ба чорабиние шеър навиштани ӯро хоҳиш кардам. Шоира ҷавоб дод: «Ман бо супориш шеър наменависам, доир ба мавзӯе, ки маро илҳом мебахшад, қалби маро ором мекунад, менависам».

Роҳи худ, услуби худро дошт, шоираи нотакрор ва ягонаи халқи худ будани ӯ аз гуфтаҳояш аён буд.

Баъди аз чоп баромадани романи «Ибни Сино» як нусхаашро гирифта, бо як даста гул ба хонааш рафтам.

Духтари меҳрубон ва боиқтидораш Ҳулкар ҳам дар он ҷо будааст. Дар гирди дасторхон суҳбат оростем.

Баъд аз чанд рӯзи дигар ба ман занг зада гуфт, ки ба наздаш равам. Ба ҳузураш гӯё парида рафтам.

Китобам дар болои мизаш буд.

– Хонда баромадам, ба мавзӯи муҳим даст задед. Дар бораи аллома бисёр навиштаанд, вале дар асари шумо бадеият бартарӣ дорад.

Истиқлолият ба эҷодкорон низ имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Ба анъана, урфу одат, эҷод, озодии сухан эътибор зиёд шуд. 80-солагии Зулфияапа дар қасри «Туркистон» ботантана баргузор шуд.

Ҳурмату эътибори халқ, бахусус, табрики Президент рӯҳи ӯро болида гардонд.

Бори охирин барои дидани ӯ ба беморхона рафтам.

Дар дастам як сабад гулҳои сафед. Аммо дидан насиб накард. Ҳулкар бо чашмони ашколуд маро пешвоз гирифт...

– Саломатии модарам хуб нест, беҳтараш надароед...

– Ана ин гулҳоро гиред, Зулфияапа гулро дӯст медоранд.

Зулфияапа барои мо ҳамеша зиндааст, чун насими тозаи саҳарӣ бо мо ҳамнафас...

**Мақсуд ҚОРИЕВ,**
**Арбоби хидматнишондодаи маданияти Ӯзбекистон.**

*(Аз китоби «Зулфия замондошлари хотирасида»).*

***Барои омӯзиши забонҳои гуногун омӯзгорон ва мураббиёни мактаб-интернати мо низ саҳми сазовори худро ҳамроҳ менамоянд. Дар мактаб Маркази забономӯзӣ вуҷуд дошта, дар он гурӯҳҳои англисӣ, русӣ, арабӣ, франсавӣ, немисӣ, корейсӣ амал мекунанд.***

# ЗАБОН – ВОСИТАИ МУҲИМИ АЛОҚА

Вазифаи марказ аз оммавӣ кардани забонҳои хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии омӯзонидани онҳо, зиёд намудани шавқу завқи толибилмон оид ба омӯхтан ва донистани забонҳои хориҷӣ, доир ба маданият, санъат, фан ва ҳаёти иҷтимоии кишварҳои хориҷӣ баргузор сохтани тадбирҳои гуногуни ҷолиб иборат аст.

Барои ин дар ихтиёри хонандагон синфҳои васею барҳавои бо компутер ва дигар таҷҳизоти ҳозиразамон ҷиҳозонидашуда мавҷуданд. Дар китобхонаи мактаб-интернат асарҳои чопӣ ва электронӣ, адабиёти бадеӣ, луғат, китобҳои дарсӣ ва услубӣ мавҷуд буда, хонандагон метавонанд аз онҳо истифода бубаранд. То имрӯз бо Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Тошканд, Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд, Донишгоҳи давлатии Намангон ҳамкориҳои доимӣ ба роҳ монда шудаанд.

Бовар дорем, толибилмоне, ки забони ӯзбекиро хуб медонанд, забонҳои дигарро низ зуд азбар карда метавонанд. Инкишоф додани дониши хаттӣ ва даҳонии хонандагон дар маркази диққат ва эътибори мо қарор дорад.

Бахшида ба ҳар як санаи таърихӣ ва иду тантанаҳо бо 7-8 забон ташкил кардани баромадҳои хонандагони мактаб-интернат ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳатто сафи онҳое, ки шеърро ба дигар забон тарҷума карда, худашон қироат мекунанд, низ меафзояд. Соли хониши 2018-2019-ум 27 нафар хатмкунандагони мактаб-интернати мо ба таълимгоҳҳои олии ҷумҳуриамон бо гранти давлатӣ қабул шуданд.

Шогирди мо Дилобар Маҳмудова дар марҳилаи ҷумҳурии «Китобхони ҷавон — 2019» бомуваффақият иштирок карда, соҳиби ҷойи дуюм гардид.

Забономӯзӣ барои ҷавонони давр болу пари камолоти онҳо ба шумор меравад. Барои ба хориҷ баромадан омӯхтану донистани забон аз талаботи аввалин аст. Инро бояд нафақат омӯзгорону мураббиён, балки падару модарон ва фарзандони онҳо низ хуб дарк намоянд.

**Гулчеҳра ҚАЮМОВА,**
**директори мактаб-интернати махсуси омӯзиши забонҳои хориҷии ба номи Исҳоқхон Ибрати вилояти Намангон.**

*Китобиёт*

# АРМУҒОНЕ БА ҶАШН

***Китоби навбатии шоир ва рӯзноманигор Нормурод Каримзода «Субҳ ба хайр» ном дорад, ки дар арафаи ҷашни 70-солагии зодрӯзи ӯ аз тарафи хонаи табъу нашри «Янги китоб» рӯйи чопро дидааст. Аз он шеъру достон, рубоиву суханрезаҳои тозаи шоир ҷой гирифтаанд.***




Нормурод Каримзода чун тараннумгари меҳани куҳан, модари мушфиқ ва меҳру муҳаббати одамӣ дар байни хонандагон маъруф гаштааст. Китоби мазкур низ бо шеъри ба мадҳи Ватан бахшидаи шоир, ки «Эҳсоси Ватан» ном дорад, оғоз мешавад:

*...Ватанам, рӯҳу равон дар тани бечони манӣ,*
*Нури имони манӣ, ҷӯши Зарафшони манӣ.*
*Чинам аз домани эҳсони баҳорат гулҳо,*
*Дили дарёи манӣ, мояи туғёни манӣ.*

Мушкилоти хурду калони асрамон шоирро намегузорад, ки осуда бошад. Ӯ аз ҷангу ҷидоли байни давлатҳо, офатҳои табиӣ, кинаву адоват ва беоқибатии мардум озурда гаштааст:

*Дарди асри бистуяк бисёр шуд,*
*Гӯиё як асри пурозор шуд.*
*Як тараф хунрезиҳои беҳисоб,*
*Як тараф о(б)хезиҳои пуразоб...*
*Вазъи дунё мебарад ҳуш аз сарам,*
*Гӯй охир, то ба кай тоб оварам?*

Шоир баъди тасвири «чархи гардун»-и имрӯза ва ҳолати худ, сари ҳалли чунин мушкилот меояд. Бино ба фикри ӯ хушрафтору хушгуфтории одамӣ ҳалли мушкилот аст:

*Нест захме, ки надорад марҳаме,*
*Нест инсон, ки надорад маҳраме.*
*Олам обо(д) мешавад аз кори нек,*
*Одам озо(д) гашта аз пиндори нек.*

Аз «Субҳ ба хайр» чанд достони муаллиф ҷой гирифтааст, ки яке аз онҳо «Қобил ва Ҳобил» ном дорад. Ин ҳамон қиссаест, ки тафсираш дар Қуръони карим омадааст, ки мо борҳо хондему шунидаем. Шоир рафти воқеаҳоро аз нав ба риштаи назм кашидааст.

Ба гуфти шоир инсон офаридаи бузурги Худованд аст, ки бояд ҳамеша сазовори чунин мартабаву мақом бошад:

*Дар олам зи инсон фузун банда кист?*
*Аз ӯ бартарин халқи поянда кист?*
*Шараф бар халойиқи фархундарой,*
*Дар ин саҳни гетӣ варо турфа ҷой.*

Мо бар онем, ки китоби навбатии шоир низ бо достону мавашшаҳ, китибаю суханрезаҳояш ҷевони аз рафи китоби китобдӯстон ҷойи муносиб мегирад.

**Н. НОДИРОВА.**



# БОЗ ЯК БОҒЧА

Дар ноҳияи Қарокӯли вилояти Бухоро боз як муассисаи таълими томактабӣ, ки дар асоси лоиҳаи замонавӣ дуошёна сохта шудааст, ба кор даромад.

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Дӯрмон» боғчаи бачагон дар бинои мувофиқгардондашуда, ки соли 1975 созмон ёфта буд, амал мекард. Ҳоло дар ин ҷо миқдори умумии бачагони синни томактабӣ қариб ба 250 нафар расид. Бинои нав, ки аз тарафи корхонаи бинокории ҶММ «Бунёд-Шаҳзод-Файз» қад афрохта барои он 3 миллиарду 200 миллион сӯм маблағ харҷ гардидааст, имконият медиҳад, ки нисфи ин бачагонро ба оғӯши худ гирад. Барои панҷ гурӯҳи наврасон дар ин ҷо хонаҳои ҷиҳозонидашудаи сабақомӯзию бозӣ, ошхона, толори мусиқӣ, услубхона, дафтарҳои кории рӯҳшиносу омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ хидмат мерасонад. 25 нафар омӯзгор-тарбиядиҳандагон бо онҳо машғулият мегузаронанд.

Дар маросими кушодашавии маскани нави наврасон прокурори вилоят Маҳмуд Истамов, ҳокими ноҳия Шералӣ Саломов, шоир Бобур Бобомурод падару модарон ва ҳозиронро муборакбод намуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# УСТОДИ САҲНА ДАР САҲНАҲОИ ЗИНДАГӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Овози довудӣ дошт Ғайбуллоака. Хусусан, ашъори классикони адабиёти тоҷикро бо маҳорати баланд мехонд. Мегӯянд, соҳиби овози ширадор, ки ваъз гӯяд ё шеър хонад, нозуктарин торҳои дил ба ларзиш меояд, дар Тоҷикистон Маҳмуд Воҳидови зиндаёд бошад, дар Ӯзбекистон шеъри ноби тоҷикиро бо кулли назокату фасоҳат ва овози фораму марғуладор маҳз Ғайбулло Ҳоҷиев қироат мекард. Бобояш Сафо Махсум баробари шеър навиштан дар ифоданок хондани ғазалҳо беҳамто буд, шеърхонию шеърдониаш дар қатори дигарон Маҳмуди Воҳидро низ мафтун сохта буд. Онҳо шиноси наздик буданд, ба Сафо Махсум ихлоси баланд дошт актёр ва ровии афсонавии тоҷик.

Мисле ба Маҳмуд Воҳид дар авҷи камолоти эҷодӣ «чашм расид», Ғайбулло Ҳоҷиев ба панҷоҳ даромаданадаромада ба касалӣ печид. Овозашро гум кард...

Охирин рӯзҳои сиҳҳатиаш дар филми «Санҷишҳои муҳаббат» образи адвокатро талқин сохт. Баъди бемории ногаҳонӣ театрро тарк кард. Вале то дамҳои вопасини умр, бо вуҷуди он ки саломатиаш пурра барқарор нагашт, бо кино ва сериалҳои миллӣ ҳамнафас монд. Фақат дигар актёрҳо ба ӯ овоз доданд. Дарвоқеъ, асное сиҳҳат буд, дар соҳаи дубляжи филмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ва мултипликатсионӣ, айни замон, хидмати сазовор кард.

Зиндагӣ ва эҷоди муҳаққиқ, баҳрнавард, коргардон, суратгар, сайёҳи машҳури фаронсавӣ Жак-Ив Касторо барои худ намуна меҳисобид. Яке аз филмҳои бисёрқисматаи капитан Касто ба ӯзбекӣ тарҷума ва дар телевизиони Ӯзбекистон намоиш ёфт. Ба капитани номвар Ғ.Ҳоҷиев овоз дода буд.

Ба шиканҷаи инсулт бештар аз 17 сол тоқат кард, барои ба по хестан ҳаракат намуд, маҳз иродати қавӣ ва дастгирии қарибон боис гашт аз нав дар кӯчаҳои зиндагӣ, дар даст асо, қадам занад ва навъе дар боло ишора рафт, ба кино баргардад. Коргардонҳо Шавкат Ҷунайдуллоҳ, Саид Мухторов, Баҳодур Аҳмедов ва дигарон ӯро ба гӯшаи фаромӯшӣ нанҳоданд.

Бо Ғайбуллоака наздик 20 сол ҳамсоягарӣ кардем. Шумо барои ман «энсиклопедияи зинда», мегуфтам шӯхиомез ва аз ӯ дар бораи ҳаёти оилавии санъаткорони маъруф мепурсидам, маълумотҳое, ки бароям «сирҳои пӯшида» метофтанд, ошкор мешуданд. Вақте дар бораи чеҳраҳои намоёни ҳунар коғаз сиёҳ кардам, бароям «манбаи муътамад» буданд нақлҳои Ғайбуллоака. Дигар, ҳар суҳбати ин инсони хоксору фурӯтан ба маъние сабақе метофт аз мактаби одамигарӣ.

Бо вуҷуди беморӣ худро ҳамеша бардам, болидарӯҳ ва хушбахт вонамуд месохт.

– Зистан низ саодат, – мегуфт бо табассуми маънидор.

Эҳтимол ба қадри зиндагӣ, қадри ҳар як даму лаҳзаи осуда ва фориғ аз дард ҳамоне бештар мерасад, ки баъди бетобию бемории вазнин Худо ӯро ин сӯ партофта ва барояш умри дубора ато кардааст.

Ғ.Ҳоҷиев ҳар даму нафаси умри дубораашро низ бо шукрона гузаронд, аз ҳар лаҳзаи он самаранок истифода кард, орзуву ҳавасаш дар бораи дидани набераҳо ба амал баромад. Ҳамсараш Насиба, фарзандонаш Равшану Заррина, барои солимии ӯ кори аз дасташон меомадаро карданд, вале...

Вале дер ё зуд мурдан – ҳақ. Мисле мили соат ногаҳон аз гардиш меистад, Ғайбуллоака «беозорак» ҷон таслим кард. Ҷуз ду фарзанд ва панҷ набера чиҳо монд аз Ғайбулло Ҳоҷиев?

Ёд ва хотираи нек...

Дар 20 намоишномаи театри давлатии драмавии ӯзбек (собиқ «Ёш гвардия»), дар 26 спектакли театри миллии академӣ-драмавии ӯзбек, дар 24 филмнома, ки маҳсулоти «Ӯзбекфилм», «Ӯзбектелефилм» ва телевизиони Ӯзбекистон мебошанд, нақшҳои гуногун офарид. Дар 8 радиопостановка, ки радиои ҷумҳурӣ омода кардааст, ширкат варзид. Ҳунарвари номӣ Мирғиёс Мирсоатов боис гашт Ғ.Ҳоҷиев дар дубляж низ маҳорат санҷад ва аз қатори устодони ин соҳа ҷой гирад. Овозаш ба хурдтаракон низ аз «Афсонаҳои Қундузбобо» шинос. Аз «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто» (114 қисм), эпоси ҳинд «Рамаяна» (77 қисм), сериали киносозони араб «Оқибат» (18 қисм) ва ғайраҳо овози марғуладори ӯро мешунавем.

Солҳои охири умраш вай қабристонҳои шаҳри азимро зуд-зуд зиёрат мекард. Дар Минор, Камолон ва Чиғатой инсонҳои ба дил ва дидааш қарин мехобиданд. Хусусан барои зиёрат карда истодани қабристони Чиғатой дар худ як эҳтиёҷ ҳис мекард, ки он ҷо нобиғаҳои адабиёт, санъат, маданият, аз қабили Маннон Уйғур, Аброр Ҳидоятов, Шукур Бурҳонов, Шариф Қаюмов, Лутфулло Нарзуллоев, Зикир Муҳаммадҷонов, Тошхоҷа Хоҷаев, Домуллоҳалим Ибодов, Юнус Раҷабӣ, Комил Ёрматов, Мухтор Ашрафӣ, Ботир Зокиров, Йӯлдош Аъзамов, Неъмат Аминов, Наҷмиддин Комилов ва дигарон ба хоби абад рафтаанд.

Маҳзун шавӣ, ба қабристон рав, рӯҳан сабук шудан хоҳӣ, ба қабристон рав, гуфтаанд доноҳо. «Дар Чиғатой ман қувваи тоза пайдо мекунам», мегуфт Ғайбулло Ҳоҷиев.

Инак, ба вафот ва дар як каноран Чиғатой дафн гардидани Ғ.Ҳоҷиев як сол пур мешавад. Ёдаш ба хайр.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Салом оинаи дилҳост медонам, ки медонӣ,***
***Барои дӯстҳо хоҳам бурд, ҳарфи сабзи райҳонӣ.***

# ТАДБИРИ ФАРҲАНГӢ БО ИШТИРОКИ ОМӮЗГОРОН

Ба қарибӣ дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 7-уми ноҳияи Сариосиё семинари навбатии муаллимони фанни забон ва адабиёти тоҷик доир гардид. Дар соати дуюми дарсӣ иштирокчиёни семинар дар дарси муаллимаи ин таълимгоҳ Ситораи Азиз иштирок намуда, аз ҳунару малака ва қобилияту истеъдоди ин омӯзгор манфиатҳо бардоштанд.

Ба саъю кӯшиш ва саҳми бевоситаи омӯзгори фанни забон ва адабиёти ин таълимгоҳ Маҳкам Ҷаъфаров маҳфили илмӣ ва адабӣ доири ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва олими ҷавон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Хусрави Саъдулло доир гардид. Дар ин маҳфили дилнишин Хусрави Саъдулло, раиси Маркази тоҷикони ноҳияи Сариосиё Равзатулло Раҳмонов, роҳбари таълимгоҳи рақами 29-уми ноҳия Турдиқул Ҳасратов, ҳофизи шинохта Асадуллоҳи Қаландар, шоир Абдубароти Қодирӣ ва дигар дилбохтагони назм дар толори фаъолони таълимгоҳ ҷамъ омада буданд.

Аз тарафи муҳассилини таълимгоҳ доири ашъори дилангези Хусрави Саъдулло шеърҳо қироат гардиданд. Инчунин, барои хушзавқ гузаштани тадбир аз ҷониби хонандагон порчаҳо доир ба саховатмандии шоир Алишер Навоӣ ва «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов саҳнаҳои бадеӣ низ намоиш доданд.

Дар рафти тадбир сурудҳои дилнишини ҳофизи хушсадо Асадуллоҳи Қаландар аз ашъори Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва шеъри «Лолаи дидор»-и Хусрави Саъдулло ба аҳли толор завқ ва сурури тоза мебахшид.

*Ишқ дар дил боди раҳовард нест,*
*Хонаи аҳли муҳаббат сард нест.*
*Ҳар касе дар ростӣ по мениҳад,*
*Беғуруру нокасу номард нест.*

Ровӣ ва садри маҳфил Маҳкам Ҷаъфаров аз ташрифи меҳмонон илҳом гирифта, аз эҷодиёти ин адиби закӣ порчаҳои шеъри ҷаззоб қироат намуда, хотири ҳамагонро болида менамуд.

*Иборат бошад аз ишқ иқтидорам,*
*Бувад лак-лак сухан дар ихтиёрам.*
*Ман аз баҳри забони модари худ,*
*Зи хуни килк ҳайкал мегузорам.*

Дар маҳфил устодон: Турдиқул Ҳасратов, Равзатулло Раҳмонов ва Асадуллоҳи Қаландар ба сухан баромада, дар бораи кору фаъолияти илмӣ ва эҷодии Хусрави Саъдулло суханҳои хотирмон гуфтанд.

*То шуморо бар каф орам аз ҷаҳони пуртасодуф,*
*Рахши ҳимматро саворам рӯзҳои офтобӣ.*

Дар фароварди маҳфил ҳамчун барги сабз аз тарафи Хусрави Саъдулло якчанд китобҳои бадеӣ ба китобхонаи таълимгоҳ тақдим гардид.

**Илҳомҷон ХИДИРОВ,**
**муаллими забон ва адабиёти мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 972, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ: 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.